Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №144-145 (2971-2972) | ПАНҶШАНБЕ, 22 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Тоҷикистон бо роҳи пешгирифтаи тараққиёташ устуворона пеш меравад

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*19 ноябри соли 2012, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров*



**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз ҳамаи мо ба хотири арҷ гузоштан ба санаи оғози давлатдории навинамон - бистумин солгарди баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои давлату миллати мо нақши сарнавиштсоз дошта, дар пойдории сулҳу субот, мустаҳкам намудани пояҳои ҳуқуқӣ ва сохти конститутсионии мамлакат нақши муҳим бозидааст, ҷамъ омадаем.

Бо ифтихору сарфарозӣ ҳамаи шумо - ҳозирини гиромӣ ва ҳамватанони азизамонро ба ин муносибат сидқан табрик гуфта, бо истифода аз фурсат ва бо арзи эҳтирому самимият ба сокинони меҳмоннавози шаҳри бостонии Хуҷанд, ки дар он давраи ниҳоят вазнини таърихӣ мизбони ширкаткунандагони Иҷлосия буданд, изҳори сипос ва миннатдорӣ менамоям.

Ҳамаи нишастагони ин толор ба хубӣ ёд дорем, ки дар рӯзҳои даъват ва баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ мардуми кишвари мо гирифтори кашмакашҳои ҳалокатбори қувваҳои бадхоҳи сиёсии дохиливу хориҷӣ шуда буданд, ки мақсади асосиашон пароканда намудани миллати тоҷик ва аз байн бурдани давлати ҷавони мо буд.

Бо вуҷуди он ки ҳанӯз оғози солҳои 90-уми асри гузашта дар Эъломияи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳадафҳои нави давлатдорӣ, таҷзияи ҳокимият, эҳёи анъана ва суннатҳои неки таърихии халқи тоҷик, кафолати ба амал баровардани ҳуқуқҳои гражданӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ба ҳамаи сокинони мамлакат ва инкишофи озодонаи онҳо сабт гардида буданд, аммо вазъияти мураккаби сиёсии онвақтаи кишвар имкон надод, ки меъёрҳои дарҷшуда татбиқи воқеӣ ва амалии худро пайдо намоянд.

Тоҷикистон он солҳо дар ҳолате қарор дошт, ки бар асари ҷанги шадиди шаҳрвандӣ ва муқовимати тӯлонии мусаллаҳона минтақаҳои алоҳидаи мамлакат дар оташи ҷанг сӯхтаву валангор, иқтисодиёти кишвар хароб ва фаъолияти сохтору мақомоти ҳокимияти давлатӣ пурра фалаҷ гардида буданд. Ҷомеаро бӯҳрони амиқи сиёсӣ фаро гирифта, касе намедонист, ки ояндаи кишвар ва мардумро чӣ сарнавиште интизор аст.

Дар чунин як вазъияти беҳокимиятиву бенизомӣ мавҷудияти минбаъдаи Тоҷикистонро ҳамчун давлати тозаистиқлол хатари ҷиддӣ таҳдид мекард ва касе дар он рӯзҳои сахту душвор масъулияти таъмини суботро дар кишвар бар дӯш гирифтан намехост.

Ҳамаи ин боиси он гардид, ки татбиқи равандҳои нави сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ки баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ оғоз гардида буданд, яъне масъалаи таъмини воқеии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва рушди мустақилонаи он, бо дарназардошти талаботи замони нав, ба таъхир андохта шуд.

Ҳол он ки тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ва дорои анъанаву суннатҳои қадимаи фарҳангиву таърихӣ аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ имкон доштанд, ки дар шароити нави сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ бо роҳи демократӣ рушд ёбанд ва пеш раванд.

Мамлакат дар вазъияте қарор дошт, ки аз як сӯ сохтору мақомоти давлатӣ аз ӯҳдаи пешгирӣ кардани алангаи ҷанги бародаркуш ва аз вартаи бӯҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ раҳо бахшидани ҷомеа баромада наметавонистанд ва аз сӯйи дигар, ба таъхир гузоштани ташкили мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла интихоби конститутсионии роҳбарияти нави сиёсӣ ғайриимкон буд.

Ҳамаи мо дар он айёми сангин амиқан дарк мекардем, ки кишвари моро аз вартаи ҳалокат фақат неруи созанда метавонад наҷот бахшад ва имрӯз бо шукргузорӣ метавонем гӯем, ки чунин неру дар симои миллати куҳанбунёду хирадманди тоҷик зуҳур кард.

Маҳз ба шарофати хираду заковати азалӣ, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва ҷавҳари созандаи миллати тоҷик Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки он дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун оғози воқеии раванди сулҳ ва эҳёи рукнҳои давлатдории миллӣ маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд дар заминаи талошҳои воқеан ватандӯстонаи вакилони мардумӣ ягона минтақаи ороми кишвар - шаҳри бостонии Хуҷанд макони баргузории Иҷлосияи шонздаҳум интихоб гардид.

Албатта, даъват ва баргузор намудани Иҷлосия дар он рӯзҳо кори саҳлу осон набуд. Зеро қувваҳои бадхоҳ бо ҳар роҳ мехостанд садди роҳи баргузории он гарданд ва ҳар гуна монеаҳо эҷод мекарданд.

**(Идома дар саҳ. 2)**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфта мешавад

**21 ноябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо сардори Раёсати қабул ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Шиэду Осакве ва котиби Департаменти пазироӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Димитар Братанов мулоқот намуд**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳмононро хайра мақдам гуфта, изҳор дошт, ки имсол ин мулоқоти дуюм бо масъулини Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад ва ман аз он ки Созмон ҷиҳати пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон чараёни омодагириро дар сатҳи хуби корӣ амалӣ менамояд, хеле қаноатманд ҳастам. Пазируфта шудани Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар ҳаёти халқу давлати мо рӯйдоди муҳим ба шумор хоҳад рафт. Кишвари мо оқибатҳои бӯҳрони иқтисодии ҷаҳониро рафъ намуда, ба давраи нави рушди устувори иқтисодӣ ворид гардид. Ислоҳоти иқтисодии мамалакат дар ҳамаи соҳаҳо бомуваффақият амалӣ мешавад. Нишондиҳандаҳои оморӣ дар ин мавзуъ далели равшани ин гуфтаҳо мебошанд. Тайёр намудани аҳли ҷомеаи кишвар ба ин рӯйдоди арзанда дар шумори вазифаҳои муҳими мо қарор дорад. Мо медонем, ки санадҳои воридшавии Тоҷикистон ба узвияти СУС бо саъю эҳтимоми шумо таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Дар кишвари мо дар панҷ соли охир Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ хеле афзоиш ёфта, суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодиёт, сарфи назар аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, хеле боло рафт. Нишондодҳои рушди иқтисодӣ баёнгари онанд, ки мамлакат роҳи рушди собитқадамона ва устуворро пеш гирифтааст.

Дар ин самт Ҳукумат ва Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳия намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамкории зич доранд.

Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул карда, ба тасвиб расонид, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёргирии техникӣ», «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи арзёбии мутобиқат» аз ҷумлаи онҳоянд. Мо медонем, ки на танҳо дар марҳилаи пеш аз воридшавӣ ба узвияти ин Созмон корҳои зиёдеро бояд ба анҷом расонем, балки баъди воридшавӣ низ оид ба созгор гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ба созишномаҳои ҷудогонаи байналмилалӣ мутобиқ кардани онҳо корҳо хеле зиёд хоҳанд буд.

-Мо саъю талош мекунем, ки санадҳои мо ба талаботи меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқ бошанд, - изҳор дошт Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров.

Сардори Раёсати қабул ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Шиэду Осакве бо изҳори сипос аз пазироии Раиси Маҷлиси намояндагон ба ӯ паёми Дабири кулл ва дигар аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро расонида, изҳор дошт, ки мардум ва кишвари Шумо ба ман хеле хуш омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бешубҳа, ҷавобгӯйи тамоми талабот ҷиҳати пазируфта шудан ба ин Созмони мазкур мебошад. Созмон хидматҳои Парламенти шумо ва шахсан худи Шуморо ҷиҳати таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ эътироф ва арҷгузорӣ менамояд. Бояд гуфт, ки Парламенти шумо пас аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия сеюмин кишварест, ки дар мавзуи мутобиқшавӣ ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо бештар аз ҳама – тақрибан сад қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул намудааст.

Воридшавӣ ба ин Созмон барои кишвари шумо моҳияти хеле калон дорад. Шумо ба воситаи он метавонед ҳуқуқҳои бозорӣ ва тиҷоратии худ, аз ҷумла интиқоли борҳоятонро аз тариқи марзҳои дигар кишварҳо ҳимоя намоед. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Лаос низ мисли кишвари шумо дар арафаи ба ин Созмон қабулшавӣ мебошад ва ҳар ду мамлакат дар рӯйхат ҷойҳои 158-ум ва 159-умро ишғол хоҳанд намуд. Қобили зикр аст, ки баъди пазируфта шудан Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба парламентҳои кишварҳои аъзо кӯмак ва ҳамкориҳоро ривоҷ хоҳад дод.

Шиэду Осакве хидматҳои котиби Департаменти пазироӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Димитар Братановро ҷиҳати пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Созмон хотирнишон намуда, изҳор дошт, ки ҳуҷҷатҳои кишвари шумо аз ҳама марҳилаҳои муқарраროти расмӣ гузаштаанд ва пазируфтани он ҳамчун узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар кӯтоҳтарин муҳлат амалӣ хоҳад гардид.

-Ман хеле мехостам, ки дар ҳайати тарафи Тоҷикистон дар маросими пазироӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо аз Шумо низ истиқбол намоям,- изҳор намуд Шиэду Осакве.

***Котиботи назди роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013**

### Қарори

### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» қабул карда шавад.

2. Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ барои:

- соли 2014 аз рӯи даромад ба маблағи 13986122 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 14227122 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 241000 ҳазор сомонӣ ё 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

- соли 2015 аз рӯи даромад ба маблағи 15197075 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 15470575 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 273500 ҳазор сомонӣ ё 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тасдиқ карда шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат қабул намудани қарорҳое, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои муқарраргардидаи хароҷоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2014-2015 амалӣ намояд. Ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт нишондиҳандаҳои Буҷети давлатиро барои солҳои 2014-2015 аниқ намояд.

3. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ назорати иҷрои буҷетро амалӣ намуда, истифодаи мақсаднoку самарабахши маблағҳои буҷетиро аз ҷониби маблағгирандагон таҳлил ва ҳангоми зарурат натиҷаи таҳлилро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳаҷми умумии Буҷети давлатии тасдиқшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2013 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 12057571 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии хароҷотро ба маблағи 12268071 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии хароҷот нисбат ба манбаъҳои маблағгузорӣ 210500 ҳазор сомонӣ барои иҷро қабул намояд;

- маблағгузории чорабиниҳои дар буҷет пешбинишударо, дар доираи маблағи тасдиқшуда, мутаносибан баробари даромади воқеӣ таъмин намояд;

- бо мақсади кам кардани бақияпулиҳо аз рӯи пардохти андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоии солҳои гузашта, бо назардошти зарурати ихтисор кардани қарзи муассисаҳои буҷетӣ аз корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки то 1 январи соли 2013 ба вуҷуд омадааст, мувофиқи тартиби муқарраргардида бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва хароҷоти буҷет ҳисоббаробаркуниро байни онҳо гузаронад;

- оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 ҳар се моҳ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот диҳад;

- дар бораи истифодабарии маблағҳои Фонди стабилизиатсионӣ оид ба рушди иқтисод ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод намояд;

- тавассути воситаҳои ахбори омма дар ҳар се моҳ аз рафти иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 ахборот диҳад.

5. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки дар соли 2013 аз ҳисоби қарзҳои баргардонидашудаи буҷети ҷумҳуриявӣ, ки ба хоҷагиҳои кишоварзӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ дода шудаанд, ба маблағи то 50 млн. сомонӣ бо меъёри 10 фоизи солона ба хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ тавассути низоми бонкӣ ва инчунин барои таъмини захираҳои озуқаворӣ, равғану сӯзишворӣ ва моддии давлатӣ ба муҳлати то 1 апрели соли 2014 қарзи давлатӣ ҷудо намояд.

6. Бонки миллии Тоҷикистон:

- якҷоя бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ аз рӯи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» андозу даромадҳоро сари вақт ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронад;

- аз рӯи амалиёти вобаста ба хизматрасонии ӯҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати агенти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, иҷрои ҳисобу китоб ва пардохтҳоро оид ба ӯҳдадориҳои қарзии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- бо мақсади сари вақт иҷро кардани пардохтҳои асъории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 мубодилаи маблағҳои буҷетиро ба асъори хориҷӣ мувофиқи дархости Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қурби расмии бозори байнибонкии асъор таъмин намояд.

7. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба ӯҳдаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 14 ноябри соли 2012 № 981**

**Моддаи 1. Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 12057571 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла:

- даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ва грантҳо 9452000 ҳазор сомонӣ,

аз онҳо:
воридоти андозӣ - 8469141 ҳазор сомонӣ;
воридоти ғайриандозӣ - 802859 ҳазор сомонӣ;
грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ - 180000 ҳазор сомонӣ;
- буҷети лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки якҷоя бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ татбиқ мегарданд, - 1992684 ҳазор сомонӣ;
аз онҳо:
қарзҳо - 545701 ҳазор сомонӣ;
грантҳо - 1053363 ҳазор сомонӣ;
қарзҳои давлатӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар бахшҳои энергетика ва нақлиёт - 393620 ҳазор сомонӣ;
- маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ - 612887 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 2. Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 ба маблағи 12268071 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла барои маблағгузории:

- мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 684423 ҳазор сомонӣ;
- маориф - 2130836 ҳазор сомонӣ;
- тандурустӣ - 910715 ҳазор сомонӣ;
- ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 2170655 ҳазор сомонӣ;
- чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ ва солимгардонӣ - 438989 ҳазор сомонӣ;
- хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист - 725342 ҳазор сомонӣ;
- комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 1712688 ҳазор сомонӣ;
- соҳаҳои кишоварзӣ, заминсозӣ ва хоҷагии об - 309333 ҳазор сомонӣ;
- истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва сохтмон - 112447 ҳазор сомонӣ;
- нақлиёт ва коммуникатсия - 1159497 ҳазор сомонӣ;
- дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва хизматрасонӣ - 29843 ҳазор сомонӣ;
- хароҷоти дигар - 858503 ҳазор сомонӣ;
аз ҷумла:
хизматрасонии қарзҳои давлатӣ - 421375 ҳазор сомонӣ;
баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда - 22000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 3. Касри Буҷети давлатӣ ва манбаъҳои пӯшонидани он**

1. Андозаи ниҳоии касри Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 ба андозаи 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 210500 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

2. Манбаи пӯшонидани касри буҷет ба таври зайл муайян карда шавад:

- даромад аз хусусигардонии моликияти давлатӣ - 25000 ҳазор сомонӣ;
- даромад аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ - 75000 ҳазор сомонӣ;
- аз ҳисоби депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷет ва қарз (грант) аз институтҳои байналмилалии молиявӣ ва Фонди зиддибуҳронии Иттиҳоди иқтисодии Евразия - 110500 ҳазор сомонӣ.

3. Маблағгузории пардохти қарзи асосии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 1,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 502187 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷории Буҷети давлатӣ 170000 ҳазор сомонӣ ва 332187 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби созишномаи зерқарзии Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези шаҳри Душанбе», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз», депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ба 1 январи соли 2013, бароришии вомбаргҳои давлатӣ, ҷалби қарзҳои (грантҳои) ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ муайян карда шавад.

**Моддаи 4. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ**

Буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2013 аз рӯи даромад ба маблағи 5541108 ҳазор сомонӣ ва аз рӯи хароҷот ба маблағи 5745575 ҳазор сомонӣ ва касри он ба маблағи 204467 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 5. Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи манбаъҳои даромад**

Дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2013 воридоти даромад аз ҳамаи субъектҳои хоҷагидории дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ба маблағи умумии 5541108 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

- андоз аз арзиши иловашуда - 3162108 ҳазор сомонӣ;
- аксизҳо - 333000 ҳазор сомонӣ;
- андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия - 134499 ҳазор сомонӣ;
- андоз барои истифодаи захираҳои табиӣ - 40893 ҳазор сомонӣ;
- андоз аз фоида - 275711 ҳазор сомонӣ;
- андоз аз даромад - 211833 ҳазор сомонӣ;
- боҷи гумрукӣ - 428600 ҳазор сомонӣ;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард - 21832 ҳазор сомонӣ;
- даромадҳои дигари ғайриандозӣ - 752632 ҳазор сомонӣ;
- грантҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ - 180000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 6. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи тартиби гурӯҳбандии вазифавӣ**

Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2013 аз рӯи тартиби гурӯҳбандии вазифавӣ ба андозаи зерин тасдиқ карда шавад:

Маблағгузории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 454111 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 108236 ҳазор сомонӣ;
- сиёсати молиявӣ ва андозу буҷетӣ - 103207 ҳазор сомонӣ;
- фаъолияти сиёсати хориҷӣ - 146407 ҳазор сомонӣ;
- мақомоти дигари давлатӣ - 96261 ҳазор сомонӣ.
Маориф - 480873 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- таҳсилоти миёна - 138719 ҳазор сомонӣ;
- таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ - 196455 ҳазор сомонӣ;
- фаъолияти дигар дар соҳаи маориф - 145699 ҳазор сомонӣ.
Тандурустӣ - 161514 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- беморхонаҳо - 100716 ҳазор сомонӣ;
- дармонгоҳҳо - 1588 ҳазор сомонӣ;
- ҳифзи саломатии аҳолӣ - 10021 ҳазор сомонӣ;

**(Идома дар саҳ. 4)**

# Тоҷикистон бо роҳи пешгирифтаи тараққиёташ устуворона пеш меравад

(Идома аз саҳ. 1)

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дар Қасри Арбоб, ки минбаъд дар таърихномаи миллати тоҷик ҳамчун маскани барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ сабт гардид, бо иштироки вакилони мардумӣ, аъзои Ҳукумат, ашхоси номдор, пирони рӯзгордида, олимону адибон, намояндагони ҳизбу созмонҳо ва воситаҳои ахбори омма ба кори худ шурӯъ намуд.

Вобаста ба ин, мехоҳам як масъаларо махсус иброз намоям: вакилон хуб дарк менамуданд, ки баргузории ин Иҷлосия дар тақдири минбаъдаи тоҷикон нақши ҳалкунанда дорад ва онҳо бо як мақсад - аз хатари парокандагиву азбайнравӣ раҳо сохтани миллат ва давлати тозаистиқлоли тоҷикон гирд омадаанд.

Ман дар ёд дорам, ки дар он рӯзҳои душвор, яъне рӯзҳое, ки Ҳукумати мусолиҳаи миллиро касе эътироф намекард ва Президенти бо роҳи қонунӣ интихобшудаи кишварро дар фурудгоҳи пойтахт ба истеъфо маҷбур карданд, қисме аз вакилони мардумӣ зери фишори қувваҳои алоҳида ва аз тарсу ҳароси ҷон наметавонистанд мавқеи худро барои иштирок дар кори Иҷлосия равшан изҳор намоянд. Бо вуҷуди ин, аксарияти вакилони мардумӣ ба Иҷлосия ҳозир шуданд, зеро ҳама ба хубӣ дарк мекарданд, ки ягона роҳи хотима гузоштан ба бесарусомонӣ дар мамлакат баргузории Иҷлосия мебошад. Ҳамин буд, ки дар Иҷлосия аз 230 нафар вакилони халқ 193 нафар иштирок доштанд.

Вакилони мардумӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар кори Иҷлосияи шонздаҳум фаъолона ширкат варзида буданд, хуб дарк мекарданд, ки зимни фаъолияти мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ ҳалли масъалаи муҳимтарини он рӯзҳо - таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ғайриимкон аст.

Бар замми ин, тамоми мардуми Тоҷикистон, ки ҷонибдори барқарор намудани сохти конститутсионии мамлакат буданд, оғози кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва қарорҳои онро бесаброна интизорӣ мекашиданд ва умед доштанд, ки пас аз баргузории он дар кишвар сулҳу субот пойдор мегардад.

Вакилони мардумӣ дар ҷараёни Иҷлосия бо ҳисси баланди ватандӯстӣ манфиатҳои миллиро дар мадди аввал гузошта, барои ҳимояи онҳо талош меварзиданд.

Ҳамин буд, ки дар маҷмуъ 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул гардид, ки нақши онҳо ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар дар он солҳо хеле бузург аст.

Ба шарофати рӯҳи матин, нангу номуси ватандорӣ ва ҷонибдории аксари кулли мардуми Тоҷикистон мо тавонистем ба яъсу ноумедӣ хотима бахшида, иродаву иқдомоти сулҳофарии халқамонро ба самти созанда равона созем ва раванди бебозгашти сулҳу оштӣ ва оромиву суботро дар кишвар таъмин намоем, ки ин ҳама хизмати бузургу бебаҳо ва қаҳрамононаи халқи тоҷик дар назди Ватан аст.

Сулҳи тоҷикон ба ҷомеаи башар собит намуд, ки ҳалли низоъҳои дохилӣ ва минтақавӣ, сарфи назар аз ҳамаи мушкилот, ҳамеша имконпазир аст. Танҳо ақли солим, азму иродаи ҷонибҳои мухолиф, ҳадафи волои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва бартарии манфиатҳои умумидавлатӣ нисбат ба манфиатҳои гурӯҳӣ заруранд.

Дар робита ба ин, мехоҳам ба ҳамаи вакилоне, ки дар он Иҷлосияи тақдирсоз фаъолона иштирок намуда, ба хотири тақдири минбаъдаи давлати тозаистиқлоламон ва ҷиҳати хотима бахшидан ба низои дохилӣ бо ҳайати нави Шӯрои Олӣ ҳамфикру ҳаммаром буданд, инчунин ба аъзои Ҳукумат, ки дар ҳамин Иҷлосия интихоб шуда, бо эҳсоси масъулияти баланд ба фаъолият оғоз карданд, аҳли зиё ва ҳамаи онҳое, ки дар ин чорабинии сарнавиштсози сиёсӣ саҳми ватандӯстонаи худро гузоштанд, миннатдории самимии хешро изҳор дорам.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Агар дар хотир дошта бошед, дар ҷараёни Иҷлосия вакилони мардумӣ пешниҳод доштанд, ки ҷиҳати хотима гузоштан ба беҳокимиятӣ ва раҳойӣ бахшидани миллат ва сарзамин аз вартаи ҳалокат бояд ба ҳар қимате, ки бошад, сохти конститутсионӣ барқарор карда шавад, то бадхоҳони миллати тоҷик натавонанд ба ҳадафҳои тахрибкоронаи худ ноил гарданд ва бо аз байн рафтани шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, халал ёфтани ваҳдати миллӣ ин сарзаминро қурбони ҳадафҳои геополитикии дигарон созанд.

Ҳанӯз дар Муроҷиатномаи худ 12 декабри соли 1992, ки яке аз нахустин ҳуҷҷатҳои қабулнамудаи Иҷлосия маҳсуб мешавад, бо дарназардошти вазъи воқеии онрӯзаи Тоҷикистон, таъкид дошта будам, ки халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷиаоктарин давраҳои таърихии хешро аз сар мегузаронад. Масъалаи будан ё набудани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо зери хатар монда, даҳҳо ҳазор одами бегуноҳ шаҳиду маҷрӯҳ шуд. Фоҷиаи падарон, модарон ва хоҳарону бародарони мо фоҷиаи миллат аст.

Минбаъд, сарфи назар аз мушкилоти сангин, мо тавонистем бо кӯшишу талошҳои муштарак сохти конститутсионии давлатро барқарор намоем. Мақомоти тозаинтихобшудаи ҳокимияти давлатӣ пас аз баргузории Иҷлосия ба амалӣ кардани қарорҳои он шурӯъ намуда, дар ин нияти муҳим ва тақдирсози пешгирифтаи худ бо дастгирии мардуми бонангу номуси кишвар ба дастовардҳо ноил гардиданд.

Иродаи қавии мардуми кишвар ва мақомоти роҳбарии мамлакат буд, ки пас аз баргузории Иҷлосия ва зимни амалӣ гаштани қарорҳои он дар сарзамини тоҷикон сулҳу амният, назму суботи ҷомеа, сарҷамъии миллат ва ваҳдати миллӣ таъмин гашта, гурезаҳо аз хориҷи кишвар ба хонаҳои худ баргаштанд, барои барқарор намудани фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, пеш аз ҳама сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини шароити мусоид барои рушди минбаъдаи ҷомеа тамоми чораҳо андешида шуданд.

Дар он рӯзҳо, ки мо ба тозагӣ ба истиқлол расида будем ва акнун нахустин пояҳои давлатдории навинамонро мегузоштем, доираҳои муайяни хориҷӣ бо истифода аз ҳолати бесарусомонии сиёсиву идеологиамон мехостанд ҷомеаи моро таҳти таъсири мафкураи бегона қарор дода, ғаразҳои сиёсии худро дар кишвари мо пардапӯшона роҳандозӣ кунанд.

Баъзе неруҳои аз нигоҳи сиёсӣ бетаҷрибаи дохилӣ низ зери таъсири онҳо эъмори як давлати дорои идеологияи дигарро дастгирӣ намуданд.

Аммо ин неруҳо воқеиятеро ба назар нагирифтанд, ки низоми сиёсиву идеологии дарназардоштаи онҳо на ба шароити Тоҷикистони пасошӯравӣ, на ба анъаноту тафаккур ва мазҳаби мардуми кишвар ва на ба хусусияти равандҳои сиёсиву геополитикӣ ҳеҷ гуна созгорӣ надошт.

Яке аз афзалиятҳои асосии низоми дунявии давлатдорӣ дар он аст, ки дунявият ҳамчун ҷаҳонбинӣ, аз як тараф, баробарии мафкураҳои гуногунро дар назди қонун кафолат дода, аз тарафи дигар, имкон намедиҳад, ки як мафкура худро идеологияи давлатӣ эълон намояд ва пайравони мафкураҳои дигарро зери фишор қарор диҳад.

Ба ибораи дигар, дунявият кафили таъмини шароит барои фаъолияти баробари мафкураҳост ва бесабаб нест, ки он аз ҷониби давлатҳои мутамаддини дунё, ки арзишҳои инсониро арзиши олӣ медонанд, эътироф ва пазируфта шудааст.

Имрӯз вақт чун довари бузург нишон дод, ки тарзи давлатдории дунявӣ интихоби дуруст, огоҳона ва ҷиддии ҷомеаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Масъалаи дигаре, ки дар Иҷлосия мавриди муҳокима қарор дода шуд, истиқрори ҳар чӣ зудтари сулҳу субот дар Ватани маҳбубамон ва баргардонидани гурезаҳо ба ҷойи зисти доимиашон буд.

Шумо хуб медонед, ки Ҳукумати навтаъсис аз рӯзҳои аввали фаъолияташ барои ҳалли ин масъалаи муҳими иҷтимоиву сиёсӣ тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуд ва дар натиҷа тақрибан як миллион нафар гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва ҷойи зисти муқимиашон баргардонида шуданд.

Баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини онҳо бо маводи ғизоӣ ва ҷойи кор, барқарор намудани манзилҳои харобгашта яке аз ҳассостарин лаҳзаҳои раванди сулҳи тоҷикон ва аз ҷумлаи накутарин аъмоле мебошад, ки дар таърихи муосири халқи тоҷик бо чунин натиҷаи нек анҷом ёфт.

Ин ҷо бамаврид медонам воқеаеро, ки маро сахт мутаассир сохт, бароятон нақл кунам. Ин воқеа ба ҳаёти муҳоҷирони тоҷик дар солҳои бистуму сиюм иртибот дорад, ки он дар ҳамаи давру замон метавонад ҳамчун тимсоли садоқату муҳаббат ба Ватан ва сарзамини аҷдодӣ хизмат намояд ва махсусан барои ҷавонон бисёр ибратбахш бошад.

Чанде қабл мӯйсафеди 104 - сола, ки ҳанӯз соли 1937 ба Афғонистон гуреза шуда будааст, аз Ҳукумати Тоҷикистон дархост намудааст, ки ба ӯ иҷозати бозгашт ба Ватан дода, барояш шаҳрвандии Тоҷикистонро барқарор намояд.

Вақте намояндагони Ҳукумат бо ин мӯйсафед суҳбат намуданд, маълум гашт, ки ӯ бо вуҷуди гузаштани ҳафтод сол ҳамеша дар ёди Ватан буда, то имрӯз фақат бо орзуи бозгашти дубора ба Тоҷикистон зистааст.

Мӯйсафеди ҳамватани мо сабаби дарозумриашро шарҳ дода, нақл кардааст, ки ӯ шабу рӯз дуо мекардааст, ки Худованд ӯро то лаҳзаи мушарраф шудан ба дидори Ватан ва дубора бӯса кардани хоки муқаддаси он зинда нигоҳ дорад.

Аз ин рӯ, вақте масъалаи бозгашт ба Ватан ва ба шаҳрвандӣ пазируфта шудани ин пирамарди барнодил ба миён омад, ман маҳз рӯҳи чашмintизори ҳазорон ҳамватанонамонро, ки бо амри тақдир солҳои бистуму сиюм ва навадуми асри гузашта гуреза шуда, дар ғарибӣ бо орзуи Ватан ҷон додаанд, пеши рӯй овардам ва ба ӯ шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе ягон дудилагӣ лоиқ донистам.

Ҳалолаш бод ин сабру таҳаммул, ин нангу ори ватандорӣ ва ҳалолаш бод шаҳрвандии Тоҷикистони азиз!

Дар ин маврид шоир барҳақ гуфтааст:

***Беватан нест гарибе, ки кунад ёди Ватан,***
***Дар ватанбудаи бе ёди Ватан беватан аст!***

**Дӯстони гиромӣ!**

Ҳанӯз дар ҷараёни Иҷлосия ҳадафҳои асосӣ ва стратегии давлати Тоҷикистон, аз ҷумла арзишҳои пазируфташудаи ҳуқуқ муайян гардиданд. Эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аз ҷумлаи арзишҳои ҳуқуқие ба шумор меравад, ки ҳанӯз дар рафти Иҷлосия эълон шуда буд.

Иҷлосия дар инкишофи ислоҳоти конститутсионии мамлакат саҳифаи нав кушод ва барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошт. Зеро акнун роҳ ба сӯйи сохтмони давлати демократӣ, ягона, ҳуқуқбунёду дунявӣ муайян гардида, барои таъмини пурраи кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон шароити мусоид муҳайё гардида буд.

Ҳамин тариқ, дар Иҷлосия аз як тараф, фароҳам овардани шароит барои асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, таъмини волоияти қонун, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, аз тарафи дигар, риояи принсипҳо ва талаботи аз ҷониби умум пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ чун ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон шуданд.

Дар ин Иҷлосия давлати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, ки ҷонибдори роҳи қонунии инкишофи минбаъдаи ҷомеа, арзишҳои волои ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои тарафайн бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар асоси принсипҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Ин иқдоми нек аз тарафи ҷомеаи ҷаҳон, парламентҳо ва мақомоти дигари давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои байналмилалӣ пазируфта шуд. Дар он самтҳои нави сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мутобиқи талабот ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эълон гардида, бори дигар собит гардид, ки халқи Тоҷикистон ҷонибдори сулҳ, пойдории тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои байналхалқӣ зимни риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Дар солҳои минбаъда мо давра ба давра иқдомҳои дар Иҷлосия пешгирифтаи худро амалӣ намуда, бори дигар собит намудем, ки Тоҷикистон бо роҳи пешгирифтаи тараққиёташ устуворона пеш меравад, собитқадамона ва бо дарки масъулияти баланд дар назди ҷомеаи ҷаҳон ҳадафҳо ва вазифаҳои дар Иҷлосияи таърихӣ базиммагирифтаашро амалӣ мекунад.

**Дӯстони азиз!**

Агар ҳамаи дастовардҳои усулиамонро, ки аз Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ сарчашма мегиранд, ҷамъбаст намоем, пас метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати ин санаи таърихӣ мо давлату миллатамонро аз вартаи нобудӣ, ки миллати тоҷик пас аз ҳазор сол ба он сарфароз гашта буд, наҷот дода, тамомияти арзии онро ҳамчун давлати ягона ҳифз кардем ва аркони асосии сиёсиву идорӣ ва давлатдории миллии худро эҳё намудем.

Пас аз баргузории ин Иҷлосияи таърихӣ миллати тоҷик бори дигар имкон пайдо намуд, ки дилпурона ва дар шароити сулҳу ваҳдати миллӣ ба эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ шурӯъ намояд. Зеро истифодаи оқилонаи ин имконияти таърихӣ, заҳмати содиқона ва софдилона ба хотири ободии Ватани маҳбуби мо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Ин ҳама навовариҳои конститутсионӣ барои пойдору устувор гардидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, оғози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат шароити мусоид фароҳам оварданд.

Бо дарназардошти ин ҳама, имрӯз бо тамоми ифтихору итминон метавон гуфт, ки мардуми шарифу меҳанпарвари тоҷик рисолати таърихии худро дар назди Ватан ва таърих бо сарбаландӣ ба ҷо оварданд.

Минбаъд он вазифаҳои таърихие, ки Иҷлосия дар назди мову шумо гузошта буд, боз ҳам бо дастгириву пуштибонии самимонаи мардум амалӣ гардиданд ва худи таърихи муосири давлатдориамон собит сохт, ки роҳи наҷоти миллат, пеш аз ҳама, дар сулҳу ваҳдат ва ягонагии халқ аст.

Таҳкими ваҳдати миллӣ, бахусус дар шароити печидагии вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат ёфтани бархӯрди манфиатҳои қудратҳо, осебпазир шудани истиқлолияти давлатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзиш ва аҳамияти боз ҳам ҷиддиро ба худ касб мекунад.

Ин раванд моро водор месозад, ки ҳатто як лаҳза ҳам аз масъалаи таҳкими сулҳу ваҳдат, ҳифзи давлату давлатдорӣ ва суботу амнияти кишвар ғофил набошем ва ин масъалаи муҳими умумимиллиро амиқан дарк намоем. Зеро, бо вуҷуди он ки бисёр масъалаҳои марбут ба давраи гузариш пушти сар шуданд, ҳифзи давлату давлатдорӣ ҳамчун масъалаи аввалиндараҷаи миллӣ ҳамоно боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи кунунии рушди кишварамон ҳар кадоми мо ва ҳар фарди бонангу номуси миллатро зарур аст, ки манфиатҳои умумимиллӣ, яъне ҳимояи дастовардҳои истиқлолият, ҳамбастагии мардум, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дар маҷмуъ таъмини рушди устувори Тоҷикистони азизамонро аз манфиатҳои ҳизбиву гурӯҳӣ боло гузорем.

Дар робита ба ин, аз аҳзоби сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ даъват менамоям, ки масъулияти шаҳрвандии хешро дар назди халқу Ватан амиқ эҳсос намуда, дар рушду пешрафти Ватани муқаддасамон ва раванди созандагии он фаъолона саҳм гузоранд. Зеро, сарфи назар аз ақидаҳои гуногунамон ҳамаи мо фарзанди Тоҷикистон ва соҳибватан ҳастем ва вазифадорем, ки ин неъмати Худододро гиромӣ дорем ва азизу муқаддас шуморем.

Ҳодисаҳои фоҷиабори охири асри гузашта бояд ба ҳамаи мо ва наслҳои ояндаи миллатамон дарси ибрат ва сабақи ҳушёриву зиракии сиёсии ҳар яки мо бошанд.

Бо шукронаи соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ ва ба поси хотираи даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ ҳеҷ кадоми мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки он рӯзҳои вазнину даҳшатбори таърихи халқамонро фаромӯш кунем. Баръакс, мо вазифадорем, ки ҳар рӯзи он даврони сангинро ба хотир орем, ҳушёру зирак бошем, то ки гирифтори доми фиреби бадхоҳони миллати соҳибтамаддуни тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон нагардем. Мо бояд ин андешаро доимо ба фарзандони худ, яъне наслҳоиояндасозамон талқин намоем.

Дар ҷомеаи мо ҳанӯз мушкилоти зиёд вуҷуд доранд ва ман ба азми қавӣ ва иродаи мустаҳками халқи азизам итминон дорам ва бовар дорам, ки ҳама аҳлона дар атрофи сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат муттаҳид гардида, мушкилиҳои мавҷударо худамон бартараф месозем.

Имрӯз комилан мусаллам аст, ки ҳар қадар вақт моро аз Иҷлосияи тақдирсоз дур барад, ҳамон андоза аҳамияти бузурги таърихӣ ва сарнавиштсози он барои давлату миллати мо бештар аён мегардад.

Аз ин рӯ, омӯхтан ва пос доштани иқдому пайомадҳои таърихии Иҷлосияи шонздаҳум барои ҷомеаи имрӯзу ояндаи кишвари соҳибистиқлоли мо бисёр муҳиму ибратомӯз ва дар маҷмуъ қарзи фарзандиву рисолати шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад.

Дар ин рӯзи муборак аз даргоҳи Худованди мутаъол умед дорам, ки сулҳу амонӣ, рушди устувор, файзу баракат ва пирӯзиҳои тозаро ба давлату миллат ва халқи Тоҷикистон ҳамеша арзонӣ дорад.

Итминони комил дорам, ки миллати озоди мо аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бо заҳмати содиқонаву софдилона пояҳои давлату давлатдории мустақиламонро устувор гардонида, барои ояндаи ободу осудаи сарзамини куҳанбунёдамон саъю талоши бештар хоҳад кард.

Дар амалӣ гардонидани ин ниятҳои неку нақшаҳои созанда ба ҳама барори кор орзу намуда, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва шумо – ҳозирини гиромиро бори дигар ба ифтихори бистумин солгарди санаи бузург ва тақдирсози таърихӣ - Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сидқан табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони кишвари азизамон ободиву осоиш, рӯзгори бофайзу баракат ва ба Ватани маҳбубамон суботу оромӣ ва пешрафти доимӣ орзумандам.

Бигзор Ватани ягонаи мо ва миллати сарбаланди тоҷик то ҷовидон ободу сарҷамъу поянда бошанд!

**Саломату сарбаланд бошед!**



# Қаҳрамони сулҳсозӣ ва давлатсозии тоҷикон кулли мардуми Тоҷикистон аст

**19 ноябри соли 2012 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри фарҳанги Арбоби шаҳри Хуҷанд ба ифтихори 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**



Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар саҳни ҳавлии Қасри фарҳанги Арбоб, ки дар таърихи Тоҷикистони навин мақоми хос дорад, сарфи назар аз сардии ҳаво, гарму самимӣ ва бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу оромӣ ва пешрафту шукуфойӣ истиқбол гирифтанд.

Дар Қасри фарҳанги Арбоб Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нахуст осорхонаи таърихии ин биноимуҳташамро тамошо намуд. Зимни боздид ва рӯ ба рӯ шудан бо аксҳои таърихӣ, аз ҳар рӯзи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лаҳзаҳои хотирнишини он ёдоварӣ карда шуд.

Ҷамъомади тантанавии бахшида ба солгарди ин санаи фархундаи таърихӣ дар толори бузурги Қасри фарҳанги Арбоб бо ворид шудани Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва садо додани Суруди миллии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ бори дигар аз рӯзҳои пурдаҳшати соли 1992, ки чун соли фоҷиаи миллӣ арзёбӣ гардид, ёдовар шуда, ба ҳамаи вакилони онвақтаи Шӯрои Олӣ, ки аз 230 кас 193 нафарашон барои иштирок дар Иҷлосия ба ин қаср ҳозир шуда буданд ва ҳамаи он шахсиятҳои соҳибнуфузе, ки дар ташкил ва гузарондани он Иҷлосияи таърихӣ ва барқарорсозии сулҳу созиш дар Тоҷикистон саҳм гузоштаанд, арзи сипос намуд.

Ҳамзамон бо ин таъкид гардид, ки қаҳрамони сулҳсозӣ ва давлатсозии тоҷикон кулли мардуми Тоҷикистон аст, зеро барқарорсозии сулҳу салоҳ, эътидоли иҷтимоию сиёсӣ ва рушди иқтисодие, ки имрӯз ба назар мерасад, ба шарофати дастгирию пуштибонии беғаразонаи халқи шарафманди кишвар муяссар гардид. Аз ин хотир, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сипосу миннатдории самимиашро ба ҳамаи мардуми Тоҷикистон баён намуда, дар муроҷиат ба аҳли толор таъкид дошт: «Чӣ гуна мо ба ин халқу Ватан хизмат накунем?»

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 74 санади муҳим, аз ҷумла 15 қонун қабул шуд, ки ҳар яке дар он замони пурдаҳшат нақши намоён гузоштаанд. Бо хушнудӣ ёдоварӣ гардид, ки нахустин қонун дар бораи авфи иштирокдорони муноқишаҳои мусаллаҳона, қонуну санадҳои муҳими дигар, аз ҷумла дар бораи баргардондани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ва ҳамчунин барқарор намудани хонаҳои сӯхтаю валангори онҳо маҳз дар ҳамин Иҷлосия қабул шуд. Тавре таъкид гардид, Парчам ва Нишони нави Тоҷикистони соҳибистиқлол низ баъди беш аз як сол гузаштан аз расидани кишвар ба истиқлоли давлатӣ маҳз дар ҳамин Иҷлосия қабул карда шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз ҷараёни муноқишаҳои мусаллаҳона ва оқибатҳои пурфоҷиаи солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, укубатҳои барқарору пойдор намудани сулҳу созиш ва дастовардҳои имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳли толор ва мардуми кишварро ба арҷгузорӣ ба фазои сулҳу амонӣ, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, арзишҳои волои умумимиллӣ ва таълиму тарбияи насли имрӯзу ояндаи кишвар дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ ва давлатсозию давлатдории шоиста ҳидоят намуд.

Дар ҷамъомади тантанавии бахшида ба ин санаи таърихӣ вакил аз ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қозидавлат Қоимдодов, вакили ноҳияи Фархори вилояти Хатлон Ҷӯрахон Неъматов, вакил аз ноҳияи Ҳисор Абдувоҳид Мирзоев, вакил аз ноҳияи Исфараи вилояти Суғд Гулафзо Савриддинова, вакил аз шаҳри Душанбе Рафиқа Мӯсоева, вакил аз ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон Аҳлиддин Авғонов ва раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода суханронӣ намуданд.



Қозидавлат Қоимдодов, аз ҷумла изҳор дошт, ки «хушбахтона, вакилони мардумӣ дар Иҷлосияи XVI дар интихоби Раиси Шӯрои Олӣ хато накарданд». Ба гуфти ӯ, ки бо такя ба баҳои Созмони Милали Муттаҳид баён намуд: «Тоҷикистон ягона кишваре аст, ки роҳбараш мухолифони мусаллаҳро баргардонда, бо яроқу аслиҳаашон дар паҳлуи худ ба сари қудрати давлатӣ баровард».

Вакили аз ҳама калонсоли Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одил Бердиев аз номи ҳамаи иштирокдорони он Иҷлосияи таърихӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҷома пӯшонда, ба ӯ барои матонату шуҷоат ва фидокориҳои камназираш аз номи ҳамагон арзи сипос кард.

Дар фароварди маҷлиси тантанавӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид намуд: «Дар он солҳои вазнину пурдаҳшат мо сулҳу амонӣ ва ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти қонуниро барқарор кардем, мардуми парешонгардидаро аз нав ҷамъ намудем. Имрӯз ин дастовардҳоро бояд ҳифз намоем ва барои рушду тараққиёти ояндаи давлати Тоҷикистон ҷаҳду талош намоем, то ки ба наслҳои минбаъдаи худ як мулки ободу зебо ва пешрафта боқӣ гузорем».

Ҷамъомади тантанавӣ бо барномаи бошукӯҳи фарҳангии аҳли эҷоди телевизиону синамо ва санъаткорони касбию ҳаваскор, ки саршор аз тарғибу ташвиқи арзишҳои волои сулҳу созиш ва бунёдкорию созандагӣ буд, идома ёфт.

*www.prezident.tj*

# Ифтитоҳи маркази фарҳангию фароғатӣ

**Бегоҳии рӯзи 19 ноябри соли 2012 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паҳлуи чапи Қасри фарҳанги Арбоб Маркази муҳташами фарҳангию фароғатӣ, ки бо нақшу нигори зебову дилкаш дар болои чӯб, санг, гач ва оина оро ёфтааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.**

Зиёфати расмӣ ва барномаи фарҳангии бошукӯҳи дигар ба ифтихори 20- умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин бинои зебову муҳташам, ки намунаи волои санъати бостонӣ ва муосири меъмории миллати тамаддунофари тоҷик аст, баргузор гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба самараи ҳунари волои меъморону бунёдгарони ин чойхона баҳои баланд дода, ба онҳо арзи сипос кард ва ба роҳбарияти вилояти Суғд дастур дод, ки дар паҳлуи рости Қасри фарҳанги Арбоб як боғи фарҳангию фароғатӣ бунёд карда, ба мардум тухфа намоянд.

*www.prezident.tj*

# Ифтитоҳи бинои нави осоишгоҳи «Баҳористон» дар шаҳри Қайроққум



**18 ноябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар тантанаҳои таҷлили 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилояти Суғд сафар кард.**

Дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бо шукру сипос аз сиёсати сулҳсозию ваҳдатофарӣ ва бунёдкорию созандагӣ бо эҳтироми самимияти баланд истиқбол гирифтанд.

Аз ин ҷо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Қайроққум ташриф оварда, дар маросими ифтитоҳ ва рӯнамоии бинои нави осоишгоҳи овозадори «Баҳористон» иштирок намуд.

Дар саҳни ҳавлии осоишгоҳ миёни Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва иштирокдорони Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла намояндагони мардумии Шӯрои Олии даъвати солҳои 1990-1995 ва шахсиятҳои шинохтаи кишвар, ки дар он солҳои вазнин ба халқу Ватани худ хизматҳои пурарзиш намудаанд, суҳбати самимии тӯлонӣ сурат гирифт. Президенти кишвар ба ҳамаи онҳо бори дигар барои хизматҳои шоёнашон дар пешгирӣ аз ҷангу хунрезии солҳои 90-уми асри гузашта, барқарор намудани сулҳу оромӣ ва дубора сарҷамъ намудани мардуми парешоншудаи Тоҷикистону аз нав бунёд намудани асосҳои давлатдории навини тоҷикон арзи сипосу қадрдонӣ намуд.

Ба роҳбарияти осоишгоҳи «Баҳористон» дастур дода шуд, ки барои истироҳату фароғат ва солимгардонии онҳо тамоми шароити зарурӣ муҳайё карда шавад.

Сипас, бо буридани лентаи рамзӣ бинои нави 6-ошёнаи осоишгоҳи «Баҳористон» расман мавриди истифода қарор гирифт.



Зимни шиносоӣ бо шароити тиббии ташхису муолиҷа, ки бо истифода аз навтарин тарзу усул ва технологияҳои ҷаҳонӣ муҳайё гардидааст, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки ин бино дорои 250 ҷойи хоб буда, дар он 100 нафар мутахассисони хуби тиббию хизматрасонӣ бо кори доимӣ таъмин гардидаанд. Шумораи умумии кормандони осоишгоҳ акнун ба 400 нафар расидааст.

Бо ифтитоҳи ин бино осоишгоҳи «Баҳористон» имкон дорад, ки дар як баст то ба 800 нафар хизматрасонии хушсифат пешниҳод намояд. Дар фасли тобистон бошад, имкон ҳаст, ки шумораи истироҳаткунандагон то ба ҳазор нафар дар як баст расонда шавад.

Зимни шиносоӣ, ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони навин бар асари авзои сангини ҷомеа осоишгоҳи «Баҳористон», ки он вақт хонаи истироҳатии «Қайроққум» номида мешуд, ба мисли ҳамаи истироҳатгоҳҳои дигар ба ҳолати ногувор гирифтор шуда буд, вале баробари барқарору пойдор гардидани сулҳу субот ва рӯ ба рушд овардани иқтисодиёти кишвар ва ҳам беҳшавии некуаҳволии мардум ин муассиса умри дубора пайдо намуд.



Мавриди зикри хос аст, ки сабабгори асосии умри дубора пайдо намудану пешсафи ин соҳа шудани осоишгоҳи «Баҳористон» ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудани Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон гардид. Беҳуда нагуфтаанд, қадами Сарвари кишвар файзу барор меорад.

Баҳори соли 2010 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст аз ин осоишгоҳ дидан карда, бо ҳолати ҳузнангези он шинос шуд.

Баъд аз ин бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ин осоишгоҳ ба тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон гузашт ва тармиму навсозии он оғоз ёфт.

Аллакай моҳи марти соли 2011, яъне баъди як сол бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои аввали он пас аз навсозии куллӣ бо шароити муосири табобату истироҳат мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ ва таҷҳизонии бинои табобатӣ баҳои баланд дода, ҳамзамон барои ба сатҳи муосири байналмилалӣ баровардани шароити истироҳату табобат дар он дастуру маслиҳатҳои муфид дод.

25-уми майи соли 2011 дар осоишгоҳи «Баҳористон» нахустин мавсими истироҳатии баъди навсозӣ оғоз ёфт ва ин рӯз чун зодрӯзи дуюми ин муассиса сабт гардид.

Дар заминаи иҷрои дастуру маслиҳатҳои иловагии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди осоишгоҳи «Баҳористон» бинои дуюми боҳашамати табобатӣ ва иншооти зиёди фароғат, варзиш ва дилхушӣ қомат афрохта, моҳҳои август ва сентябри соли 2011 мавриди баҳрабардории умум қарор гирифтанд.

Афзалияти волои осоишгоҳи «Баҳористон» ва дигар истироҳатгоҳҳои ин мавзеъ, албатта қарор доштани онҳо дар соҳили баҳри Тоҷик-обанбори Неругоҳи барқи обии «Қайроққум» мебошад. Вале ин афзалият қаблан хуб истифода намешуд.

Аз ин хотир, бо пешниҳоди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳили назди осоишгоҳи «Баҳористон» пляжи зебою нотакроре сохта шуд, ки сарфи назар аз паст ё баланд шудани сатҳи оби баҳр ҳамеша пур аз об аст, оби софу тоза ва зуд-зуд ивазшаванда.

Табобат ва шифобахшии беморон дар осоишгоҳи «Баҳористон»дар асоси ҳашт барномаи махсус – «Асаби ором», «Ҳаракати озод», «Нафаси озод», «Бемориҳои рагу дил», «Узвҳои ҳозима», «Солимии мард», «Саломатии зан» ва «Зебоии пӯсту бадан» ба роҳ монда шудааст.

Дар ин ҷо, ҳамчунин дастгоҳҳои навтарин насб шудаанд, ки ҳар яки он то 20-30 намуди ташхис, муоина ва ё муолиҷаро анҷом медиҳад. Табобату тавонбахшӣ бо лойи шифобахши Кӯли Сакии Қрим, муми кӯҳӣ ё худ озакирит, реги маҳаллӣ, шахта ё худ ғори намакин аз намаки кӯҳи Хоҷамуъмини ноҳияи Восеъ, амалиётҳои гуногуни обӣ, аз қабили масҳи обӣ, обпошӣ бо фишори баланд, бо оби маъдандори сулфурӣ ва бо бӯғшифоию гиёҳшифоӣ ба роҳ монда шудааст. Бахши муҳими табобатии ин осоишгоҳро гиёҳшифоӣ бо истифода аз гиёҳҳои шифобахши сершумори табиати биҳиштосои Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Табибони пуртаҷрибаи осоишгоҳ, ки аксарият дар Олмон ва Чин бозомӯзӣ кардаанд, бо истифода аз таҷҳизоти муосир ва роҳу воситаҳои беҳтарини муолиҷавӣ ба беморон шифо мебахшанд. Таҷҳизоту воситаҳои пешқадами тиббии «Баҳористон» аз Олмон, Итолиё, Британияи Кабир, Чехия, Белгия, Чин ва чанде дигар давлатҳо дастрас шудаанд.

Осоишгоҳи «Баҳористон» имрӯз дар миёни ҳамаи муассисаҳои ин соҳа пешсафу пешқадам аст, зеро танҳо дар ҳашт моҳи соли равон ба он наздики 15 ҳазор истироҳаткунандагон аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва зиёда аз 30 кишвари хориҷӣ ташриф овардаанд.

Осоишгоҳи «Баҳористон» дар амал собит менамояд, ки Тоҷикистони биҳиштосо бо кӯҳҳои сарбафалаки худ, ки 93 фоизи тамоми сарзамини онро ташкил медиҳанд, барҳақ дорои иқтидори бузурги рушди сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии кӯҳнавардӣ ва саёҳат ба хотири барқарорсозии саломатӣ мебошад.

Осоишгоҳҳои Тоҷикистони офтобрӯя бо мардуми соҳибфарҳангу меҳмоннавози кишвар шуҳрати ҷаҳонӣ доштанду доранд. Аз ин хотир, роҳбарияти осоишгоҳи «Баҳористон» барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани сифати хизматрасонӣ минбаъд низ пайваста дар ҷустуҷӯйи навгонию навовариҳо хоҳад буд, то ки дар фазои рушдёбандаи бозори хизматрасонии Тоҷикистони рӯ ба пешрафту шукуфоӣ бо рақибони худ, яъне осоишгоҳҳои дигар рақобати солиму омӯзанда дошта бошад.

***www.prezident.tj***

## 24 ноябр - Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Рамзи озодӣ ва истиқлол

Инсоният давоми таърихи тӯлонии худ дар роҳи тамаддуну фарҳангофарӣ, эҷоду созандагӣ, бунёдкорӣ, офаридани таърих, санъат, дину мазҳаб, адабиёт, ахлоқ ва дигар арзишҳои маънавӣ рамзҳои зиёдеро эҷод ва корбаст намудааст, ки онҳо таърих, саргузашт, мазмуну моҳият ва мантиқи худро доранд. Агар ба рамзҳо ба назари таҳқиқ ва таҳлил нигарем, ҳар як рамз то андозае равшангари таърих, сарнавишту саргузашти қавмҳо, халқиятҳо, миллату давлат, инъикосгари фарҳангу тамаддун, орзуву ормонҳои мардуманд.



Рамзҳо хеле гуногунанд, мисли парчам, нишон, суруди миллӣ, мӯҳри давлатӣ ва ғайра. Дар ин миён парчам ҳамчун рамз таърихи хеле бою рангин ва қадимаро дорост. Бостоншиносон, муаррихон таърихи парчамро басо қадим ва пайдоишу истифодаи онро ҳанӯз дар давраҳои антиқа, солшумории то мелод меҳисобанд. Парчам бо мурури замон ва гузашти айём ҳамчун яке аз рамзҳои асосии давлат, миллат ончунон мавқеи худро устувор кардааст ва мазмуну моҳияти муҳимро касб намудааст, ки имрӯз мавҷудияти ҳеҷ як давлат, озодӣ ва истиқлоли онро бидуни парчам наметавон тасаввур намуд. Дар таърихи тамаддун ва фарҳанги басо ғанию қадима, бунёди давлат ва давлатдории тоҷикон парчам ва парчамдорӣ таърихи хеле ҷолиб, рангин ва тӯлонӣ дошта, он дар асотир, осори хаттии қадима, бозёфтҳои бостоншиносӣ, сарчашмаҳои таърихию адабӣ, достону қиссаҳо, ривоятҳо, эҷодиёти шифоҳии мардум инъикос ёфтааст.

Таърихи рамзҳо, нишонҳо ҳанӯз дар муқаддамтарин ёдгории динӣ-фарҳангӣ ва сарчашмаи нодири таърихӣ, нахустқомуси тамаддуни мардуми ориёӣ-китоби муқаддаси зардуштиён-«Авесто» инъикос ёфта, се табақаи ҳамондавраи ҷомеа-роҳибон ё рӯҳониён бо ранги сафед, ҷанговарон ё сипоҳиён бо ранги сурх ва кишоварзону косибон бо ранги сабз ишора шудаанд.

Дар осори мутафаккирон, удабо ва уламои гузашта таърихи парчам бо нақлу ҳикоёти басо ҷолибу ҷаззоб инъикос ёфтааст. Ин ривоёт ва ҳикоёт тавассути яке аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонӣ -«Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ то ба рӯзгори мо расидааст.

Дар «Шоҳнома» доир ба «Дирафши Ковиёнӣ» маълумот оварда мешавад. Бино ба қиссаи муаллифи «Шоҳнома», дар достони Заҳҳоки морон Коваи оҳангар аз зулму истибдоди ин шоҳи золиму одамхӯр, ки дар қатори ҷавонони зиёди миллат 17 писари ӯро низ қурбон ва тӯъмаи морони аз китфаш баромада сохта буд, ба дод омада, алайҳи ин шоҳи хунхор қиём мекунад ва пешгири чармии худро ба сари найза баста, мардумро ба мубориза даъват менамояд. Ба ин васила шоҳи одил Фаридун ба сари тахт меояд ва он парчами Коваи оҳангар ва музаффарро «Ковиёни дурафш» («Дурафши Ковиёнӣ») мехонад, онро бо зару зевар оро дода, муқаддас ва чун парчами давлати худ эълон мекунад.

Мувофиқи ахбори муаррихон Дурафши Ковиёнӣ солҳои тӯлонӣ чун рамзи ифтихору ғурур ва парчами пирӯзиҳои ворисони Фаридун будааст ва онро арабҳои ғосибу истилогар ва тамаддунсӯз ҳангому забти Хуросон ва Мовароуннаҳр ба яғмо бурдаанд.

Дар достони «Заҳҳок ва Коваи оҳангар» Фирдавсӣ ин қиссаро чунин ба риштаи назм кашидааст:

***Аз он чарм, к-оҳангарон***
***пушти пой,***
***Бипӯшанд ҳангоми захми дирой,***
***Ҳамон Кова он бар сари найза кард,***
***Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард…***
***Биёрост онро ба дебои Рум,***
***Зи гавҳар ба рӯ пайкару зар-ш бум.***
***Фурӯ ҳишт з-ӯ сурху зарду***
***бунафш***
***Ҳаме хондем «Ковиёни дурафш»!***

Аз ин қиссаи Фирдавсӣ маълум мегардад, ки «Дирафши Ковиёнӣ» ё парчами Фаридун аз чарм сохта шуда, он аз ранги сурх, зард ва бунафш шилшилаҳо дошт ва парчам бо зару зевар оро дода шуда буд.

Ҳамин тавр, парчам ба рамзи пирӯзӣ ва сипас ба рамзи давлатдорӣ табдил ёфт. Ҳар шахсе ба қудрат мерасид, соҳиби тахту салтанат мегашт, тоҷи шоҳӣ ба сар мениҳод, парчамро азизу муқаддас медонист ва онро баланд меафрохт.

Фаридун ҳамчуноне ишора шуд, парчами худро бо сангҳои қиматбаҳо ва тасвири ситораи чоргӯшаи тиллоӣ ва шилшилаҳои (лентаҳои) сурх, зард ва бунафш оро дода, онро «Дирафши Ковиёнӣ» номид. Ситораи тиллоии чоргӯша ба парчами Фаридун номи дигар «Ахтари Ковиён»-ро зам намуд.

«Дирафши Ковиён» парчами ворисони Эраҷ-сулолаи Каёниён-сулолаи дуюми асотирии шоҳони Эронзамин ва минбаъд парчами давлати Эрон ҳангоми салтанати Ашкониён (солҳои 250 -224 то милод) гардид.

Парчами давлати Ҳахоманишинҳо (558-330 то милод) аз харобаҳои қасри Персеполис (Тахти Ҷамшед) ёфт шуда, ҳоло он дар Осорхонаи миллии Эрон маҳфуз аст. Парчами ин давлати ориёиҳо ранги сурх дошта, бо шилшилаҳои (лентаҳои) сурх, сафед, сабз оро дода шудааст.

Дар мобайни ин парчам рамзи қадимтарини ориёӣ - Уқоби хуршед, ки аз Тахти Ҷамшед бозёфт шудааст, тасвир шудааст. Минбаъд тасвири Уқоби Хуршед ва шакли дигари он Уқоби дусара аз парчами ориёиҳо ба парчами давлатҳои дигар гузашт.

Баъди шикасти давлати Ҳахоманишинҳо аз ҷониби Искандар, давлати Порт таъсис меёбад ва парчам дигар шуд.

Баъди ишғоли сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо дар кишварҳои исломӣ Моҳи ҳилол чун рамзи дини ислом дар парчамҳои давлатӣ қабул гардид. Вале бояд гуфт, ки Моҳи ҳилол (Моҳи чаҳордаҳ) пеш аз густариши ислом дар парчами шоҳони Эрон тасвир ёфта буд.

Мутаассифона, парчамҳои давлатҳои минбаъда, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон таъсис ёфтаанд, аз ҷумла давлати Сомониён, давлатҳои турксулолаи Ғазнавиён, Қарохониён, Хоразмшоҳиён, Салҷуқиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён то замони мо омада нарасидааст.

Дар парчами аморати Бухорои замони Манғитиён, ки аз матои сабзи равшан иборат буд, дар паҳлуи дастаи он бо оби тилло суханони «Султон сояи Худост дар рӯи замин» бо забони арабӣ ва калимаи шаҳодат «Ло Илоҳа Илаллоҳ, Муҳаммад Расул аллоҳ», яъне «Нест Худое ба ҷуз Оллоҳ, Муҳаммад пайғамбари (фиристодаи) Худост» дар (қисмати) гӯшаи озоди он сабт шудааст. Дар мобайни навиштаҷот тасвири тиллоии Моҳи ҳилол, ситораи панҷгӯша ва дасти Фотима-чун рамзи пушту паноҳ, орзуи толеъ ва хушбахтӣ, ки дар анъанаи ислом маълум аст, инъикос ёфтааст.

Парчами Ҷумҳурии Мардумии Шӯравии Бухоро, ки баъди аз тахт сарнагун шудани амири охирини сулолаи Манғитиён амир Олимхон аз 2 сентябри соли 1921 то 27 октябри соли 1924 вуҷуд дошт, аввал аз ду порчаҳои ранги сабз ва сурх дошта, бо ҳам пайваст, ки дар дохили он тасвири тиллоии Моҳи ҳилол, ситораи панҷгӯша ва дар гӯшаи болоии он бо забони тоҷикӣ ҳарфҳои «Ҷ. Ш. Х. Б» (Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухоро) сабт шуда буд.

Хулоса, дар ҳама давру замонҳо парчам чун рамзи давлат, салтанат, ғуруру ифтихор аз даст ба даст мегузашт, зери парчам-чун нишони муттаҳидӣ, озодӣ ва истиқлол сипаҳсолорон лашкарро ба майдони ҳарб мебурданд ва ғолиб мешуданд. Қиёмгарон, пешвоёни шӯришҳои мардумӣ халкро зери парчам бар зидди зулму истибдоди дохилӣ ва аҷнабӣ ба мубориза даъват мекарданд ва парчами муборизаро меафрохтанд.



Пеш-пеши лашкар ва барои дар сафи пеши лашкар устувор доштан ва пеш бурдани лашкар сарбозони далеру шуҷоъ, тануманду ҷасурро интихоб мекарданд, ки ӯро маъмулан парчамдор (парчамбардор), аламдор мегуфтанд. Ин вазифаи ифтихорӣ ва масъул буд, ки ба шахсони далеру ватандӯст бовар карда мешуд. Агар парчамдор кушта шавад, фавран каси дигар ӯро иваз мекард.

Дар сарчашмаҳои таърихии «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Одоб-ул-ҳарб ва шуҷоат» (Санъати ҳарб ва шуҷоат)-и Шариф Муҳаммад Мансури Муборакшоҳ, «Дастур-ул-мулук»-и Муҳаммад Рофии Ансорӣ «Фатҳнома», «Сиёсатнома», қиссаи марғуби «Самаки айёр» ва дигар сарчашмаҳои таърихии адабӣ дар бораи парчам чун рамзи далериву нерумандӣ, тарзи сафороии лашкар, таъкиди ҳамеша дар сафи аввал будани парчамдор (аламдор), чигунагии парчам маълумоти аҷиб оварда шудааст.

Ҳар як ҷузъу томи артиш, лашкар, қисми ҳарбӣ, агар ба забони имрӯза гӯем (полк, дивизия, армия, фронт), парчами худро дошт ва ҳоло низ ҳамин тавр аст. Ҳар қалъа низ парчами худро дошт.

Ҳангоми амалиёти ҳарбӣ парчам чун рамз ва нишони озодӣ, далерӣ, нангу номус ва шараф ҳифз ва эҳтиёт карда мешуд. Агар лашкар дар муҳориба шикаст хӯрад, парчами худро аз даст диҳад, чун нишони нанговару шармовар он қисми ҳарбӣ пароканда гашта, сарбозонаш ба қисмҳои дигар интиқол дода мешуд.

Вақти паради Ғалаба дар Майдони Сурхи Москва тамоми парчамҳои лашкари шикастхӯрдаи фашистон зери девори Кремл партофта шуд.

Чун ҷумҳурии азизи мо – Тоҷикистон ба истиқлол расид, дар радифи дигар масъалаҳо, зарурати қабули рамзҳои давлатӣ пеш омад. Вакилони мардумии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъулияти том дар баробари рамзҳои дигари давлатӣ атрофи қабули тарҳу намуди Парчами давлатии Тоҷикистони тозаистиқлол баҳс оростанд, фикру андешаи мутахассисонро ба инобат гирифтанд ва ниҳоят «Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»- ро қабул намуданд. Ҳамин тавр, соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби аввалин рамзи давлатӣ ва соҳибистиқлолии худ-Парчами давлатӣ гардид. Вакилони мардумӣ барои ифодаи номи ин рамз аз байни вожаҳои дигар маҳз вожаи қадимию тоҷикӣ -Парчамро қабул намуданд.

Парчами давлатии Тоҷикисон матои росткунҷаест, ки аз се рахи рангаи уфуқӣ иборат аст: Рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он бо рахи поёнӣ- сабз баробар мебошад, рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз рахҳои ранга аст. Рӯи рахи сафед дар мобайни парчам бо зарҳал расми тоҷи тансикшуда ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира кашида шудааст. Мутобиқати бару дарозии умумии парчам 1:2 аст.

Тоҷ ва ситораҳои парчам дар шакли росткунҷа ҷой дода шудаанд, ки паҳлуи амудиааш 0,5 ва паҳлуи уфуқиааш 1,0-и паҳнои рахи сафед аст. Ситораҳои панҷгӯша ба доираҳои қутрашон 0,15 ва ба қавси радиусаш 0,5-и паҳнои рахи сафед кашида мешаванд.

Тоҷ, ки баландиаш баробари 0,55 паҳнои рахи сафед аст, дар пояаш ба қафси радиусаш 1,2 бар рахи сафед қатъ мешавад. Чор унсури камоншакл, ки тоҷро зеб медиҳанд, дар мобайн бо як қисми доира оро меёбанд, ки қутри он баробари 0,2 бар рахи сафед мебошад.

Тоҷ дар Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон аз соҳибдавлатӣ ва мустақилият, ҳафт ситора ишора ба ҳафт иқлими ҷаҳон, ҳафт бародарон, ҳафт қабати осмон мебошад.

Ранги сурх – рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлолият, ранги сафед-рамзи бахту иқболи сафед, нияти неки халқамон ва ранги сабз-рамзи саъю кӯшиш ва заҳмату меҳнати халқ баҳри сарсабзиву хуррамии кишвар мебошад.

Бо ибтикори Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатӣ эълон гардид ва ин рӯзи муборак ҳамасола бо шукӯҳу тантана таҷлил мегардад. Ин рӯз собитгари ифтихору эҳтироми мо нисбат ба муқаддасоти миллат, аз ҷумла Парчами давлатист. Парчаме, ки ҳастии давлати мо, ифтихори миллии моро ифода мекунад, парчаме, ки гувоҳи барҷастаи истиқлолияти давлатии мо, таҷассумгари ғурури миллӣ ва ору номуси ватандории мост.

Оре, Парчами давлатӣ аз муҳимтарин муқаддасоти давлати мост. Чӣ қадар лаҳзаҳои муассиру ҳаяҷонбахш ва пурифтихор буданд лаҳзаҳое, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон баҳри садоқат ба халқу Ватан, хидмати фидокорона ба мардум қасам ёд карда, сари таъзим ба Парчами давлатӣ фуруд овард ва бо камоли эҳтирому эътиқод онро бибӯсид, ба чашм молид.

Парафшонии Парчами миллӣ дар баландии 165 метр, ки расми ифтитоҳи он дар арафаи 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ иттифоқ афтод, боиси ифтихори ҳар фарди ватандӯсти мамлакат гардид. Бешубҳа, қомат афрохтани Парчами миллӣ, ки баландтарин дар ҷаҳон аст, бо маҷмуи биноҳои маъмурию фарҳангӣ шаҳри Душанберо ҳусну зебоии тоза бахшид. Майдони атрофи Парчами давлатии Тоҷикистон бо ҳавзҳо ва гулу гулгаштҳои зебою дилнишини хеш аллакай ба мавзеи сайругашти оммавӣ, истироҳату фароғати мардум табдил ёфтааст.

Мо дар арафаи 20 соли қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, ки ин сана ба таҷлили ҷашни 20 -солагии баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Мардуми кишвар шоҳиди тантанаҳои бошукӯҳи ин ҷашни бузурги миллӣ дар гӯшаю канори кишвар, аз ҷумла дар макони баргузории он – Қасри Арбоби вилояти Суғд гардиданд. Ин тантанаҳо бори дигар манзалату арзиши беназири Иҷлосияи тақдирсозро тасдиқ намуданд, ки яке аз иқдомҳои ояндасози вакилони Иҷлосия қабули рукнҳои бунёдии давлатдории мо, аз ҷумла Парчами давлатӣ, буд.

***Ҷумъабой САНГИНОВ,***
***муовини якуми раиси вилояти Суғд***

# Харитаи интерактивии Тоҷикистон




**Дар сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи ҷаҳонии Интернет боз як навоварии муҳим ворид гардид. Акнун маводи заруриро аз ин сомона метавон тавассути харитаи интерактивии Тоҷикистон пайдо намуд.**

Харитаи интерактивии Тоҷикистон дар сомонаи расмии Президенти кишвар дар шабакаи ҷаҳонии Интернет барои осону қулай ва зуд пайдо намудани хабару гузоришҳо, аксу навор, китобҳо ва дигар маводи зарурӣ таҳия ва пешкаш гардидааст.

Харита дар барномаи HTML5 сохта шуда, ба ҳама намуд ва шакли браузерҳои хонандагони сомона дар бахшҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисии он дастрас мебошад.

Дар харитаи интерактивии Тоҷикистон ҳамаи 65 шаҳру ноҳияи кишвар нишон дода шудааст. Ҳангоми пахш намудани ягон шаҳр ва ё ноҳия, хабару гузоришҳо аз сафарҳо ва суханрониҳои Президенти Тоҷикистон дар ҳамон макон бо аксу наворҳояш пешкаш мегардад.

***www.prezident.tj***

# МЕРОСИ КОВИЁНӢ

*Бин, Парчами мо чӣ ҳусни зебо дорад,*
*Ҳафт ахтару се ранги муҷалло дорад.*
*Дар оғӯши ахтарони рамзи Ваҳдат,*
*Тоҷе зи Каён ба оби тилло дорад.*

*Дар Парчами мо рамзи саодат бошад,*
*Армони дили тамоми миллат бошад.*
*Як порча матоест наҳифею базеб,*
*Дар асл шукӯҳу шаъни давлат бошад.*

*Эй шод рӯҳи Коваи оҳангари мо,*
*Пешдомани ӯст Парчами кишвари мо.*
*Моро ба ҷаҳон зи рӯи он бишносанд,*
*Чун чеҳраи ориёнаи Сарвари мо.*

*Парчам - маҳаку далели давлатдорӣ,*
*Чун партави субҳи маслаки бедорӣ.*
*Волою мубораку муқаддас бошад,*
*Дар ойину расми неки парчамдорӣ.*

*Бингар, ки аҷаб Парчами зебо дорем,*
*Бо мавҷзании баҳру дарё дорем.*
*Аз меҳри зиёди Тоҷикистони азиз,*
*Онро зи ҳама азизу боло дорем.*

*Моро рӯҳи рафтагон дастафшон аст,*
*Бо Парчами дастамон, ки дар ҷавлон аст.*
*Парчамбари қаҳрамони имрӯзаи мо,*
*Эмомалӣ Раҳмони ҳама эҳсон аст.*

***Мирзо РУСТАМЗОДА***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013

(Идома аз саҳ. 1)

- фаъолияти дигар дар соҳаи тандурустӣ - 49189 ҳазор сомонӣ.
Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 386008 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- суғуртаи иҷтимоӣ - 205669 ҳазор сомонӣ;
- ҳифзи иҷтимоӣ - 26082 ҳазор сомонӣ;
- фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 154257 ҳазор сомонӣ.
Чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, солимгардонӣ ва ҷамъиятӣ - 253751 ҳазор сомонӣ.
аз ҷумла:
- чорабиниҳои варзишӣ - 3623 ҳазор сомонӣ;
- муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ - 52490 ҳазор сомонӣ;
- воситаҳои ахбори омма - 79278 ҳазор сомонӣ;
- фаъолияти дигар дар соҳаи чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишӣ - 118360 ҳазор сомонӣ.
Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист - 47856 ҳазор сомонӣ.
Комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 1228778 ҳазор сомонӣ.
Соҳаҳои кишоварзӣ, заминсозӣ ва хоҷагии об - 103849 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- барномаи хариди тухмии ғалладона, картошка ва дигар зироатҳо - 5000 ҳазор сомонӣ;
- чорабиниҳои зиддиэпизоотикӣ -2000 ҳазор сомонӣ;
- барномаи рушди соҳаи пахтакорӣ - 760 ҳазор сомонӣ;
- барномаи мубориза бар зидди малах - 5600 ҳазор сомонӣ;
- барномаи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳои боғу токзор - 1600 ҳазор сомонӣ;
- дигар барномаҳо дар соҳаи кишоварзӣ, хароҷоти заминсозӣ ва хоҷагии об - 88889 ҳазор сомонӣ.
Истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ ва сохтмон - 91703 ҳазор сомонӣ.
Нақлиёт ва коммуникатсия - 134522 ҳазор сомонӣ.
Соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва хизматрасонӣ - 28688 ҳазор сомонӣ.
Чорабиниҳои дигар - 1474080 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- хизматрасонӣ аз рӯи қарзҳои давлатӣ - 421375 ҳазор сомонӣ,
аз онҳо:
хизматрасонӣ аз рӯи қарзҳои берунӣ - 338262 ҳазор сомонӣ;
хизматрасонӣ аз рӯи қарзҳои дохилӣ - 83113 ҳазор сомонӣ;
- хароҷоти шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани вазифаҳои пойтахт - 11000 ҳазор сомонӣ,
Фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 46300 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси фонди дастгирии соҳибкорӣ - 5000 ҳазор сомонӣ;
- хароҷоти дигаре, ки аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт гурӯҳбандӣ нашудааст - 995405 ҳазор сомонӣ,
аз онҳо:
- баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда - 22000 ҳазор сомонӣ;
- интиқоли маблағ (трансферт) дар намуди мусоидати молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ - 629236 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 8. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи тартиби гурӯҳбандии иқтисодӣ**

Дар соли 2013 хароҷоти вазорату идораҳо, ташкилотҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар ҳаҷми зерин анҷом дода шавад:

а) хароҷоти ҷорӣ - 3954949 ҳазор сомонӣ.
Хароҷот барои хариди мол ва хизматрасонӣ - 2473962 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- музди меҳнат ва иловапулиҳо - 984773 ҳазор сомонӣ;
- маблағҷудокунӣ ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа - 123074 ҳазор сомонӣ;
- дигар хариди мол ва хизматрасонӣ - 1366115 ҳазор сомонӣ;
аз онҳо:
- пардохти хизматрасонии газ, барқ, алоқа ва дигар хизматрасонии коммуналӣ - 101266 ҳазор сомонӣ;
- хариди таҷҳизоти камарзиш, асбобу анҷом, дигар мол ва хизматрасонӣ - 1264849 ҳазор сомонӣ;
Хизматрасонӣ аз рӯи қарзҳои дохилӣ ва берунӣ - 421375 ҳазор сомонӣ;
Кӯмакҳои молиявӣ (субсидияҳо) ва дигар интиқоли маблағи ҷорӣ (трансферт) - 1059612 ҳазор сомонӣ;
аз ҷумла:
- кӯмакҳои молиявӣ (субсидияҳо) ва интиқоли маблағ ба корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ - 62719 ҳазор сомонӣ;
- трансферт ба сатҳҳои дигари мақомоти идоракунии давлатӣ - 651736 ҳазор сомонӣ;
- интиқоли маблағ (трансферт) ба аҳолӣ - 284497 ҳазор сомонӣ,
аз онҳо:
- таъминоти нафақавии сохторҳои қудратӣ ва хизматчиёни давлатӣ - 117901 ҳазор сомонӣ;
- интиқоли маблағ (трансферт) ба ташкилотҳои хориҷӣ - 60660 ҳазор сомонӣ;
б) хароҷоти асосӣ - 1784430 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
- хариди сармояи асосӣ - 106190 ҳазор сомонӣ;
- маблағҳои асосии марказонидашуда - 1652880 ҳазор сомонӣ;
- хариди мол барои ташкили захира - 17000 ҳазор сомонӣ;
- трансфертҳои асосӣ - 8360 ҳазор сомонӣ;
в) додани қарз ба муҳоҷирон ва хизматчиёни давлатӣ - 6196 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 9. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 ба маблағи 185400 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 10. Маблағи мақсаднок (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ ҷудошаванда**

1. Ҳаҷми маблағи мақсаднок (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ ба маблағи 629236 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла барои:

- Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 130640 ҳазор сомонӣ;
- вилояти Хатлон - 375214 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Варзоб - 10260 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Рашт - 25569 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Ҷиргатол - 19007 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Нуробод - 16110 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Тавилдара - 10206 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Тоҷикобод - 12621 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Файзобод - 13701 ҳазор сомонӣ;
- ноҳияи Шаҳринав - 15908 ҳазор сомонӣ.

2. Маблағи истифоданагардидаи фонди музди меҳнат, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ба тариқи субвенсия ва ҳисоби байниҳамдигарӣ ҷудо карда мешаванд, дар охири соли 2013 ба буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонида мешавад.

**Моддаи 11. Маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ**

Маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ ба 1 январи соли 2014 ба маблағи 97200 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 12. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Дар соли 2013 ҳаҷми буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи даромад бо дарназардошти субвенсияе, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад, ба маблағи 3362725 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 3368758 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 6033 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 803 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон - 4306 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб - 104 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рашт - 178 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ҷиргатол - 121 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Нуробод - 107 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тавилдара - 62 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тоҷикобод - 78 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод - 131 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав - 143 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

2. Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2013 аз ҳисоби таъмини иҷрои барзиёдии даромад ва маблағи озоде, ки ба ҳолати 1 январи соли 2013 ба вуҷуд омадааст, пӯшонида мешавад.

**Моддаи 13. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа**

Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2013 аз рӯи даромад ба маблағи 1700234 ҳазор сомонӣ ва хароҷот ба маблағи 1745234 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 45000 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад. Касри буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ пӯшонида мешавад.

**Моддаи 14. Таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

1. Дар соли 2013 ба буҷети ҷумҳуриявӣ даромади андозӣ ва ғайриандозии зерин ворид карда шавад:

- андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия - 100 фоиз;
- боҷи гумрукӣ - 100 фоиз;
- андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, ки ба воситаи мақомоти гумрук ворид мешавад - 100 фоиз;
- дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромадҳои ғайриандозии умумидавлатӣ (инчунин муҷозоти ҷаримавии онҳо), хироҷ барои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон - 100 фоиз;
- аз Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фоида, инчунин андозҳо аз захираҳои табиӣ (роялти барои об) аз НБО «Сангтӯда-1» - 100 фоиз;
- аз корхонаҳои воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик», «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида - 100 фоиз;
- аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» андоз аз фоида - 100 фоиз;
- аз марказҳои идораи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда андози даромад - 100 фоиз;
- аз ширкатҳои алоқаи мобилӣ андоз аз арзиши иловашуда ва андози аксизӣ (ба истиснои ҶСК «Тоҷиктелеком») - 100 фоиз;
- аз Бонки миллии Тоҷикистон андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ - 100 фоиз.

2. Дар соли 2013 ҳиссаҷудокунии маблағ аз андоз ва даромади умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешаванд, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи таносуби (фоизҳои) зерин тасдиқ карда шавад:

- андоз аз арзиши иловашуда:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ғайр аз шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода ва Ваҳдат) - 100 фоиз;
аз шаҳри Турсунзода – 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз шаҳри Душанбе – 50 фоиз ба буҷети шаҳр ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз шаҳри Ваҳдат – 80 фоиз ба буҷети шаҳр ва 20 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
- андоз аз фоида:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ғайр аз шаҳрҳои Душанбе, Роғун, Турсунзода, ноҳияи Ҳисор) – 100 фоиз;
аз шаҳри Душанбе – 50 фоиз ба буҷети шаҳр ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз шаҳри Роғун – 42 фоиз ба буҷети шаҳр ва 58 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз шаҳри Турсунзода –100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз ноҳияи Ҳисор – 70 фоиз ба буҷети ноҳия ва 30 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
- андоз аз даромад:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Роғун, ноҳияҳои Ҳисор ва Рӯдакӣ) – 100 фоиз;
аз вилояти Суғд – 74 фоиз ба буҷети вилоят ва 26 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз шаҳри Душанбе – 65 фоиз ба буҷети шаҳр ва 35 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз шаҳри Роғун – 50 фоиз ба буҷети шаҳр ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз ноҳияи Ҳисор - 75 фоиз ба буҷети ноҳия ва 25 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
аз ноҳияи Рӯдакӣ - 75 фоиз ба буҷети ноҳия ва 25 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз;
- аксизҳо:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз;
- низомҳои махсуси андозбандӣ:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз;
- андозҳои маҳаллӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти дигари ғайриандозии маҳаллӣ:
ба буҷетҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз.

3. Воридоти андозӣ, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ аз шаҳри Душанбе аз нақшаи тасдиқгардида барзиёд дохил шудаанд, ба буҷети шаҳри Душанбе гузаронида мешаванд.

**Моддаи 15. Имтиёзҳои андозӣ барои корхонаю ташкилотҳои алоҳида дар соли 2013**

1. Дар соли 2013 барои воридоти гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) ва таҳвили он андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри 10 фоиз муқаррар карда мешавад.

2. Дар соли 2013 воридоти нақлиёти мусофиркашонӣ ва битуми тамғаи БНД 60/90, ки номгуй ва миқдори онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад ва аз ҳисоби буҷети шаҳри Душанбе харидорӣ шуда, барои пурра намудани парки нақлиёти мусофиркашонӣ ва таъмири асосии роҳҳои автомобилгарди шаҳри Душанбе равона мегарданд, ҳамчунин воридоти гази табиӣ ва барқ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

3. Воридоти мазути камсулфури барои эҳтиёҷоти Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и шаҳри Душанбе воридшаванда, ки миқдори он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

4. Дар соли 2013 кормандони Хадамоти давлатии муҳофизаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ озод карда мешаванд.

5. Қисмҳои эҳтиётӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи барои васлкунии тракторҳо ва мошинҳои кишоварзӣ таъингардида, ки барои Ҷамъияти муштараки саҳомии пӯшидаи «ТоҷИрон» ворид мегарданд ва таҳвили тракторҳо, комбайнҳо ва мошинолоти кишоварзии истеҳсоли Ҷамъияти муштараки саҳомии пӯшидаи «ТоҷИрон» аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

6. Дар соли 2013 иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгарон ва пудратчиёни асосӣ оид ба сохтмони меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ», воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, меҳмонхонаи панҷситорадор, воқеъ дар кӯчаи Айнии шаҳри Душанбе аз пардохти андозҳои зерин озод карда мешаванд:

- андоз аз арзиши иловашуда;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз фоида.

7. Фармоишгарон ва пудратчиёни асосии объектҳои мазкур бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

8. Воридоти мол аз ҷониби фармоишгарон ва пудратчиёни асосӣ барои сохтмони иншоотҳои дар қисми 6 ҳамин модда зикршуда аз андоз аз арзиши иловашуда тибқи номгуй ва дар ҳаҷме, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, озод карда мешаванд.

**Моддаи 16. Ҳиссагузорӣ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз ҳисоби иҷрои барзиёди даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ**

Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2013 аз иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо ва иҷрои барзиёди қисми даромади буҷети тасдиқшудаи ҷумҳуриявӣ 20 фоизи маблағ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт равона карда мешавад.

**Моддаи 17. Муқаррарот оид ба ҷойгиркунии депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар бонкҳо**

Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад, ки дар соли 2013 бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет аз ҳисоби фоиз аз рӯи депозитҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки ба 1 январи соли 2013 ба вуҷуд омадаанд, онҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати кӯтоҳмуддат дар давраи соли буҷетӣ ҷойгир намояд.

**Моддаи 18. Моддаҳои ҳимояшавандаи Буҷети давлатӣ**

1. Дар соли 2013 ба моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷот музди меҳнат, маблағҷудокунӣ барои суғуртаи иҷтимоӣ, стипендия, нафақа, ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ дохил карда мешаванд.

2. Дар сурати зарурат ва мавҷуд будани сарфа аз рӯи моддаҳои дахлдори хароҷот дар ҳолати набудани қарз аз рӯи онҳо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он метавонанд бо тартиби муқарраргардида дар маблағгузории моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намоянд.

**Моддаи 19. Воридот ба Буҷети давлатӣ аз ҳисоби маблағи махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва муқаррарот оид ба хароҷоти маблағи махсус**

1. Маблағи махсуси вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар даромаду хароҷоти ташкилотҳои дахлдори буҷетӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамзамон 35 фоизи маблағи махсуси Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 фоизи маблағи махсуси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, 5 фоизи маблағи махсуси муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 10 фоизи маблағҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва дастгоҳи марказии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 фоизи маблағи махсуси дигар муассиса ва ташкилотҳои буҷетӣ, ба истиснои маблағи грантӣ ва сарпарастӣ, ҳар се моҳ ба буҷети дахлдор ворид карда мешаванд.

2. Ба муассисаҳои буҷетӣ истифодаи маблағи махсус (ба истиснои маблағи грантӣ ва сарпарастӣ) берун аз низоми хазинадорӣ манъ аст.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҳаҷми маблағи дар Буҷети давлатӣ тасдиқшуда кам ва ё зиёд ворид гардидани маблағи махсуси муассисаҳои буҷетӣ дар сметаи даромад ва хароҷоти онҳо ва дар қисми даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ метавонад тағйироти дахлдор ворид намояд.

4. Дар соли 2013 дар ҳолати иҷро нагардидани Буҷети давлатӣ маблағгузории хароҷот, аз ҷумла пардохти музди меҳнати дар буҷет пешбинишудаи вазорату идораҳо ва ташкилотҳо, ки маблағи махсус доранд, аз ҳисоби ин маблағ амалӣ карда мешавад.

5. Дар соли 2013 50 фоизи маблағи аз додани сертификат бадастовардаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад. 50 фоизи маблағ аз ҳисоби додани сертификат дар ихтиёри Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон монда, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешавад.

6. Дар соли 2013 маблағе, ки аз ҳисоби хизматрасонии консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои бурунмарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегардад, баъди пардохт ба буҷет мутобиқи қисми 1 ҳамин модда, дар сметаи даромаду хароҷоти идораҳои мазкур ба ҳисоб гирифта, барои маблағгузории фаъолият ва сохтмони биноҳои маъмурӣ равона карда мешаванд.

7. Бақияи маблағи буҷетӣ ва маблағи махсуси дар суратҳисобҳои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои бурунмарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба 1 январи соли 2013 ба вуҷуд омадаанд, хусусияти мақсаднок дошта, барои маблағгузории хароҷоти соли 2013 равона карда мешаванд.

**Моддаи 20. Имтиёзҳо барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳои ҳарбӣ, Сарпрокуратураи ҳарбӣ ва дигар мақомоти қудратӣ**

1. Имтиёзи рафтуомад ба маҳали гузаронидани рухсатӣ барои хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҳарбӣ, Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳое, ки барои хизматчиёни онҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имтиёз пешбинӣ шудааст, як маротиба дар як сол ва танҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пардохта мешавад.

3. Пардохти ҷубронпулӣ дар сурати бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати казармавӣ гузаронидани хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони дигар мақомоте, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амният иштирок мекунанд, дар доираи маблағи фонди музди меҳнат, ки тибқи Қонуни мазкур дар сметаи хароҷот барои ҳамин вазорату идораҳо тасдиқ шудааст, анҷом дода мешавад.

**Моддаи 21. Муқаррарот оид ба гузаронидани амалиёти молиявӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»**

Дар соли 2013 тамоми амалиёти молиявии буҷетҳои маҳаллӣ, ки тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» гузаронида мешавад, ба тариқи музднок анҷом дода мешаванд. Инчунин аз рӯи ҳамаи депозитҳои мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ҷойгир карда мешаванд, барои истифодаи онҳо аз ҷониби бонки мазкур бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фоиз дода мешавад.

**Моддаи 22. Муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ва инкишофи заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз 1 январи соли 2013 барои ҳавасмандгардонии кормандон ва инкишофи заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 50 фоизи маблағи умумии пинҳонкардашудаи (кам нишондодашудаи) андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳо аз рӯи онҳо, ки дар рафти корҳои назоратӣ ошкор гардидаанд, ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 50 фоизи хироҷи гумрукӣ ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда мешаванд. Маблағҳои зикргардида бо тартиби марказонидашуда 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид гардида, барои маблағгузории тадбирҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда истифода мешаванд ва тартиби дар моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида нисбати онҳо татбиқ намегардад.

**Моддаи 23. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо**

Аз 1 январи соли 2013 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозотҳои ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 40 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 24. Муқаррарот оид ба пардохти маблағ тибқи ҳалномаҳои судӣ ва ба буҷет ворид намудани ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳо ҳангоми риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муқаррар карда шавад, ки ҳалномаҳои судӣ дар бораи рӯёнидани зарари моддию маънавӣ, ки аз тарафи кормандони мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағи сметаи хароҷоти онҳо амалӣ карда мешавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки маблағи аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аз ҳисоби мусодираи молу мулк, ҷарима, пеня, ҷубронпулӣ воридшуда ва ҳамчунин ҷуброни зарари молиявии ба буҷети ҷумҳуриявӣ аз риоя накардани интизоми молиявӣ расида ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

**Моддаи 25. Тасдиқи ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011**

1. Ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 аз рӯи даромад ба маблағи 8937895 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 8562034 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии даромад нисбати хароҷот ба маблағи 375861 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

2. Хароҷоти воқеии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 барои пардохти ӯҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохти қарзи асосии берунӣ ба маблағи 149885 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 26. Муқаррарот оид ба тағйирёбии Буҷети давлатӣ**

1. Дар мавриди барзиёд ё кам иҷро гардидани қисми даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2013 мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бе тағйири ҳаҷми касри буҷет тағйирот ворид намояд.

2. Бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (кор ва хизматрасонӣ), андозаи нархҳо ва тағйирёбии сохторӣ, инчунин заминаи андозбандӣ, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи мақомоти давлатӣ бармеоянд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ҳисобҳои байниҳамдигарӣ гузаронида, ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои дахлдор тағйирот ворид менамояд.

**Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 19 ноябри соли 2012 № 904**

# Қарори

## муҳокимаи парламентӣ роҷеъ ба масъалаи «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон»

Муҳокимаи парламентӣ масъаларо «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

1. Гузориши Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хайринисо Юсуфӣ «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» ба маълумот гирифта шавад.

2. Ахбори Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Маҳмадаминов «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» ба маълумот гирифта шавад.

3. Тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ, бо назардошти таклифу дархостҳо ва пешниҳодҳои воридгардида, қабул карда шаванд (замима мегардад).

4. Тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чораҷӯӣ ирсол карда шавад.

5. Тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» нашр карда шавад.

6. Назорати иҷрои қарори муҳокимаи парламентӣ ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ гузошта шавад.

**Раисикунандаи муҳокимаи парламентӣ, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.ШАБОЗОВ**

**ш.Душанбе, 2 ноябри соли 2012 №8**

# ТАВСИЯҲОИ муҳокимаи парламентӣ

### Оид ба чараёни иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти рақами 586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон»

Муҳокимаи парламентӣ масъаларо «Дар бораи ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти рақами 586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» баррасӣ намуда, **тавсия медиҳад:**

1. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияти иқтидори идоракунии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва барои беҳтар намудани сифати назорати ҷараёни таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ масъалаи ҷудо намудани воҳидҳои кории заруриро ба дастгоҳҳои марказии сохторҳои номбурда мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

2. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба афзоиши тадриҷии андозҳои кӯмакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ дар буҷети ҷумҳуриявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати пурзӯр намудани фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва самаранокии кӯмакҳои иҷтимоии унвонӣ оид ба ҷудо намудани воҳиди кории «корманди иҷтимоӣ» дар сохтори ин ҷамоатҳо тадбирҳои амалӣ андешанд.

4. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила бо назардошти таҷрибаи озмоиши низоми нави кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ методикаи муайян намудани оилаҳои камбизоатро такмил диҳад.

5. БДАТ«Амонатбонк» нисбат ба онҳое, ки аз дастгирии унвонии иҷтимоӣ бархӯрдоранд ва ба гурӯҳи дигари аҳолии эҳтиёҷманд хизматрасониро дар сатҳи баланд ва саривақту бенуқсон роҳандозӣ намояд.

6. Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа зарурияти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ»-ро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор диҳад.

# Бунёдкориҳо дар Муъминобод

Симои ноҳияи Муъминобод зеботар мегардад. Айни замон дар деҳаҳои Фирӯзоба, Шаҳрак бунёди мактабҳои нав ҳар кадом барои 200 нафар талаба идома дорад. Дар маркази ноҳия бинои панҷошёнаи 32 ҳуҷрадори замонавӣ қомат меафрозад. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар деҳаҳои Момандиён ва Чашмасор низ сохтмони бинои таълимгоҳҳо оғоз меёбад.

-Бинои Қасри фарҳанг ва варзишгоҳи замонавӣ ба ҳусни ноҳияамон ҳусни нав зам менамояд. Акнун идораҳои филиали БДАТ «Амонатбонк», Кумитаи заминсозӣ, бахши ҷавонон ва сайёҳӣ тасмим гирифтаанд, ки биноҳои тарҳи навро сохта, хизматрасониро беҳтар ба роҳ монанд. Инчунин соҳибкорони зиёде иқдом карда истодаанд, ки ба бунёди меҳмонхонаю тарабхона, нуқтаҳои нави хизматрасонӣ, марказҳои савдо дар ободонии ноҳияамон ҳисса гузоранд,- мегӯяд сардори Хадамоти назорати техникии ноҳияи Муъминобод Муҳаббат Файзов.

***Н.ҲАСАНОВ, ноҳияи Муъминобод***

# Бо нархи нисбатан арзон пешкаш гардид

Агентии захираҳои давлатии моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳотҳои Ҳоит, Ҷафр, Навдӣ, Қалъаи Сурх, «Нусратулло Махсум ва шаҳракҳои Ғарму Навободи ноҳияи Рашт нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ғизойӣ, аз ҷумла орду биринҷ, равған, шакар ва ғайраҳо кушода, бо нархҳои нисбатан арзон пешкаши харидорон намуд.

Чунин иқдом, аз як тараф, ба пешгирии болоравии нарх мусоидат намояд, аз дигар тараф, имконият фароҳам овардааст, ки 21 нафар сокинони ноҳия бо ҷойи кори доимӣ таъмин гарданд.

Тавре масъули ин бахш Қ.Неъмонов иттилоъ дод, рӯзҳои наздик нуқтаҳои фурӯши маводи ғизойӣ аз ҷониби Агентии мазкур дар деҳоти дигари ноҳия низ ифтитоҳ меёбанд.

***М.РИЗВОНОВ, ноҳияи Рашт***

# Ҷамъбасти натиҷаҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил - сарчашмаи асосии ташаккул ёфтани манбаъҳои ахборӣ оид ба шумора ва сохти таркибии аҳолӣ, тақсимоти он дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар вобастагӣ бо тавсифҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳайати миллӣ, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои вобаста ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ мебошад.

Маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил барои муайян намудани дурнамо ва барномаҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва таъмини ахборӣ барои ҷамъият заруранд.

Тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 таҳти №282 аз 4 июли соли 2006 таҳти №312, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2009 таҳти №685 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 таҳти №523 «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» ва инчунин мутобиқи тавсияҳои СММ барои ҳамаи мамлакатҳо дар бораи дар даҳ сол як маротиба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ, **аз 21 то 30 сентябри соли 2010** дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида шуд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти мутасаддӣ оид ба тайёрӣ, гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ, коркарди маълумотҳои он, ҷамъбаст ва паҳнкунии натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо роҳи пурсиш дар маҳалли истиқоматии шаҳрвандон гузаронида шуд. Пурсиш ва қайди маълумотҳоро кормандони махсуси омӯзонидашуда - ҳисобчиёни барӯйхатгирӣ ба ҷой оварданд.

Агентии омор иқдоми Сарвари давлатро оид ба истифода бурдани техникаву технологияи муосир дастгирӣ намуда, бори нахустин коркарди сканерии маводи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010-ро ба роҳ монд.

Натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар шакли ҷилдҳои алоҳида (ҳамагӣ 10 ҷилд), инчунин маҷмӯаҳои махсус оид ба нишондиҳандаҳои алоҳидаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо забони давлатӣ ва русӣ, нашрияҳои таҳлилӣ бахшида ба соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ расман нашр шуда истодааст. Дар баробари матбуоти нашрӣ, маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, инчунин дар шакли барандагони электронии ахбор паҳн карда мешаванд (компакт-дискҳо), дар сомонаи Интернет ҷойгир карда мешаванд ва маълумоти муфассал аз рӯйи дархостҳои истифодабарандагон низ пешниҳод карда мешаванд.

Айни замон, натиҷаҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ҷамъбаст гардидаанд. **Ҷилди якуми** нашри расмӣ «Шумора ва ҷойгиршавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва **ҷилди дуюми** нашри расмӣ «Ҳайати синнусолӣ, ҷинсӣ ва ҳолати акди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», **ҷилди сеюм** «Ҳайати миллӣ, донистани забонҳо ва шаҳрвандии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷҷикистон» омода гардида, ба истифодабарандагон пешниҳод шудаанд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хусуси натиҷаҳои асосии ҷамъбастгардидаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 хабар медиҳад.

Шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ба ҳолати 21 сентябри соли 2010-ум – 7564,5 ҳазор нафарро** ташкил дод.

**Тағйироти шумораи аҳолии доимӣ дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ нисбати маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум ба таври зерин тавсиф карда мешавад:**

| | Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | | Соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли 2000 |
|---|---|---|---|
| | 2000 | 2010 | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **6127,5** | **7564,5** | **123,5** |
| *аз он ҷумла:* | | | |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 206,0 | 206,0 | 99,97 |
| Вилояти Суғд | 1872,0 | 2233,5 | 119,3 |
| Вилояти Хатлон | 2150,1 | 2677,3 | 124,5 |
| ш. Душанбе | 561,9 | 724,8 | 129,0 |
| ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1337,5 | 1722,9 | 128,8 |

Нисбат ба соли 2000-ум аҳолии доимии ҷумҳурӣ 1437,0 ҳазор нафар ва ё 23,5% зиёд шуд. Зиёдшавии шумораи аҳолии доимӣ дар ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2000-2010-ум аз ҳисоби афзоиши табиии аҳолӣ ва паст будани фавт ба вуҷуд омадааст.

**Динамикаи шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумотҳои барӯйхатгириҳои солҳои пешин чунин аст:**

| | Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | | | | | Соли 2010 нисбат ба соли 2000, фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | с.1970 | с.1979 | с.1989 | с.2000 | с.2010 | |
| **Ҳамаи аҳолӣ** | **2898,3** | **3806,2** | **5092,6** | **6127,5** | **7564,5** | **123,5** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| аҳолии шаҳру шаҳракҳо | 1073,5 | 1315,8 | 1655,1 | 1626,0 | 2006,6 | 123,4 |
| аҳолии деҳот | 1824,8 | 2490,4 | 3437,5 | 4501,5 | 5557,9 | 123,5 |

Чуноне аз маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 бармеояд, таносуби аҳолии шаҳру шаҳракҳо ва маҳалҳои деҳот, дар муқоиса бо натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум, тағйир наёфтааст. Ҳиссаи аҳолии шаҳру шаҳракҳо дар шумораи умумии аҳолӣ 26,5 фоиз ва мутаносибан ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолӣ 73,5 фоизро ташкил намудааст.

Омили асосии афзоиши шумораи аҳолӣ ҳам дар маҳалҳои шаҳрӣ ва ҳам дар маҳалҳои деҳот бо зиёд будани таваллуд нисбат ба фавт асоснок карда мешавад.

Дар давоми даҳ соли охир шумораи аҳолии шаҳру шаҳракҳо ба 380,6 ҳазор нафар ё 23,4 фоиз ва шумораи аҳолии маҳалҳои деҳот ба 1056,4 ҳазор нафар ё 23,5 фоиз афзудааст.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010, аҳолии шаҳрҳои ҷумҳурӣ дар 74 маҳалли шаҳрӣ истиқомат мекунанд (17 шаҳр ва 57 шаҳрак).

Миқдори шаҳрҳо нисбат ба соли 2000-ум 5 адад кам шуда, миқдори шаҳракҳо 10 адад афзудааст.

Шаҳри бузургтарини ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе мебошад, ки шумораи аҳолиаш нисбат ба соли 2000-ум 162,9 ҳазор нафар ё 29 фоиз афзуда, 724,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Шаҳри Хуҷанд аз рӯйи бузургӣ дуввумин шаҳре мебошад, ки шумораи аҳолиаш нисбат ба соли 2000-ум 15,7 ҳазор нафар ё 11 фоиз афзуда, 162,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Се шаҳр (Истаравшан, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб) ба гурӯҳи шаҳрҳои шумораи аҳолиашон аз 50 то 100 ҳазор нафар дохил мешаванд. Аз ҳама бештар бо суръати баланд шумораи аҳолии шаҳри Роғун афзуда дар фосилаи байни барӯйхатгириҳо 1,7 баробар зиёд шудааст ва ин ҳолат ба кӯчида омадани аҳолӣ ба шаҳри Роғун вобаста аст.

Дар ҳафт ноҳияи ВМКБ (ноҳияҳои Шуғнон, Рӯшон, Ишкошим, Мурғоб, Ванҷ, Дарвоз ва Роштқалъа), ду ноҳияи вилояти Суғд (Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ), панҷ ноҳияи вилояти Хатлон (Қубодиён, Балҷувон, Ховалинг, Шӯрообод ва Носири Хусрав) ва ду ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ (Тоҷикобод ва Тавилдара) тамоман маҳалҳои шаҳрӣ вуҷуд надоранд.

Ҳамзамон дар давоми даҳ соли охир қисман тағйирёбӣ дар маҳалҳои деҳот (дохил шудани онҳо ба ҳудуди маҳалҳои шаҳрӣ) ба амал омад ва миқдори маҳалҳои деҳот дар давраи байни барӯйхатгириҳо то ба 148 адад афзуда, ҳамагӣ 3951 ададро ташкил намуд.

Муҳимтарин тавсифи иҷтимоӣ - демографӣ ва иқтисодии аҳолӣ - сохтори он аз рӯйи ҷинс ва синну сол мебошад.

Чуноне маълум аст, аз нуқтаи назари ташаккули захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат (мардҳо дар синну соли 15-62 - сола, занҳо – 15-57 - сола) мавқеи махсус доранд.

Дар давоми даҳ соли охир дар ҷумҳурӣ шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат ба 1390,3 ҳазор нафар ё 44,5 фоиз афзудааст, аз он ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 19,9 ҳазор нафар (17,5%), вилояти Суғд – 376,2 ҳазор нафар (37,5%), вилояти Хатлон – 508,4 ҳазор нафар (49,4%), шаҳри Душанбе – 140,3 ҳазор нафар (44,0%) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 345,5 ҳазор нафар (52,0%).

**Тақсимоти аҳолии доимӣ аз рӯйи синну сол дар ҷадвали зер нишон дода шудааст:**

| | Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | | Соли 2010 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2000-ум | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с.2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| Ҳамаи аҳолӣ | 6127,5 | 7564,5 | 123,5 | 100 | 100 |
| Аз шумораи умумӣ - аҳолӣ: | | | | | |
| дар синну соли аз қобили меҳнат ҷавон | 2616,8 | 2690,6 | 102,8 | 42,7 | 35,6 |
| дар синну соли қобили меҳнат | 3127,0 | 4517,3 | 144,5 | 51,0 | 59,7 |
| дар синну соли аз қобили меҳнат калонсолтар | 383,7 | 356,6 | 92,9 | 6,3 | 4,7 |

Аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ мардҳо 3817,0 ҳазор нафар ва занҳо 3747,5 ҳазор нафарро ташкил додаанд. Шумораи мардҳо нисбат ба соли 2000-ум 748,0 ҳазор нафар ё 24,4% афзуда, шумораи занҳо 689,0 ҳазор нафар ё 22,5% афзудааст.

**Шумораи мардҳо ва занҳо ва таносуби онҳо ба таври зайл тағйир ёфтааст:**

| Солҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ | Ҳазор нафар | | Вазни қиёсии мардҳо дар шумораи умумии аҳолӣ, фоиз | Шумораи занҳо ба 1000 мард | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мардҳо | занҳо | | аҳолии шаҳру шаҳракҳо | аҳолии маҳалҳои деҳот |
| 1959 | 965 | 1013 | 48,8 | 1098 | 1032 |
| 1970 | 1427 | 1471 | 49,2 | 1040 | 1029 |
| 1979 | 1880 | 1926 | 49,4 | 1031 | 1020 |
| 1989 | 2530 | 2563 | 49,7 | 1035 | 1003 |
| 2000 | 3069 | 3058 | 50,1 | 995 | 985 |
| 2010 | 3817 | 3747 | 50,5 | 982 | 982 |

Давоми даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ раванди устувори ташаккули хонаводаҳо дар асоси меъёрҳои баландшудаи рафтори никоҳӣ-оилавӣ ба назар мерасад. Мувофиқи методологияи қабулгардидаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, дар рафти барӯйхатгирии аҳолӣ саволҳо оид ба ҳолати акди никоҳ (вокеӣ) ба аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар дода шуданд.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010-ум, дар шумораи умумии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар: мардҳо 63,9 фоиз ва занҳо 64,6 фоиз дар акди никоҳ (аз ҷумла бо назардошти никоҳи мусулмонӣ (гражданӣ)) қарор доштанд.

Қобили қайд аст, ки дар даҳсолаи охир ҳиссаи ҳам мардҳо ва ҳам занҳое, ки дар акди никоҳи беқайд (танҳо никоҳ) қарор доштанд, кам гардидааст. Ҳамчун яке аз сабабҳои асосии ин чораён қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ба танзим даровардани оила равона шудаанд, ҳисоб карда мешавад.

**Тақсимоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010-ум аз рӯйи ҳолати акди никоҳ дар ҷадвали зер оварда шудааст:**

| | Тақсимоти аҳолӣ аз рӯйи ҳолати акди никоҳ, бо ҳисоби фоиз | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | мардҳо | | | | занҳо | | | |
| | хеҷ гоҳ дар акди никоҳ набудаанд | дар акди никоҳ буданд | мардҳое, ки занҳояшон фавтидаанд | талоқшуда, ҷудошуда | хеҷ гоҳ дар акди никоҳ набудаанд | дар акди никоҳ буданд | занҳое, ки мардҳояшон фавтидаанд | талоқшуда, ҷудошуда |
| Ҳамаи шахсони 15[1])-сола ва калонсолтар | 33,4 | 63,9 | 1,9 | 0,8 | 24,4 | 64,6 | 8,2 | 2,8 |
| 15-19 сола | 97,7 | 2,1 | 0,1 | 0,1 | 86,6 | 13,0 | 0,2 | 0,2 |
| 20-24 сола | 68,6 | 30,8 | 0,2 | 0,4 | 34,5 | 62,8 | 0,8 | 1,9 |
| 25-29 сола | 20,0 | 78,4 | 0,5 | 1,1 | 14,7 | 79,5 | 2,0 | 3,8 |
| 30-34 сола | 6,1 | 91,5 | 0,9 | 1,5 | 6,8 | 84,5 | 3,7 | 5,0 |
| 35-39 сола | 3,0 | 94,4 | 1,0 | 1,6 | 3,3 | 86,6 | 5,2 | 4,9 |
| 40-44 сола | 1,6 | 95,9 | 1,2 | 1,3 | 1,9 | 86,7 | 7,2 | 4,2 |
| 45-49 сола | 1,0 | 96,5 | 1,5 | 1,0 | 1,4 | 84,9 | 10,1 | 3,6 |
| 50-54 сола | 0,8 | 96,2 | 2,1 | 0,9 | 1,1 | 81,3 | 14,7 | 2,9 |
| 55-59 сола | 0,7 | 95,3 | 3,2 | 0,8 | 1,1 | 74,1 | 22,4 | 2,4 |
| 60 - сола ва калонсолтар | 1,1 | 82,6 | 15,7 | 0,6 | 1,9 | 46,0 | 51,0 | 1,1 |

Тибқи тавсияҳои байналмилалӣ ва методологияи баргузории барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, **хонавода ҳамчун воҳиди асосии барӯйхатгирӣ қабул карда шуд.**

Дар ҷумҳурӣ аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил соли 2010-ум 1197,2 ҳазор хонавода ба қайд гирифта шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муттаҳидшавии оилаҳо ба вуҷуд омадааст.

Шумораи миёнаи аъзои хонавода дар ҷумҳурӣ 6,3 нафар (соли 2000-ум -5,8 нафар буд), дар маҳалҳои шаҳрӣ - 5,1 нафар (соли 2000-ум -4,5 нафар), дар маҳалҳои деҳот – 6,8 нафарро (соли 2000-ум -6,5 нафар) ташкил медиҳад. Дар давраи даҳсолаи охир, дар муқоиса бо маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум ин нишондиҳанда ҳам дар маҳалҳои шаҳрӣ (аз 4,5 то 5,1 нафар) ва ҳам дар маҳалҳои деҳот (аз 6,5 то 6,8 нафар) афзудааст.

**Шумораи хонаводаҳо ва гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи андозаи истиқоматкунандагон тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010**

| | Шумораи хонаводаҳо | аз он ҷумла хонаводаҳое, ки иборатанд аз: | | | | | Шумораи миёнаи аъзои хонавода |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 нафар | 2 нафар | 3 нафар | 4 нафар | 5 нафар ва аз он бештар | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамагӣ** | **1197187** | **38042** | **65388** | **88884** | **153553** | **851320** | **6,3** |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 386677 | 28270 | 36898 | 41739 | 65338 | 214432 | 5,1 |
| маҳалҳои деҳот | 810510 | 9772 | 28490 | 47145 | 88215 | 636888 | 6,8 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 31331 | 535 | 1058 | 2118 | 4306 | 23314 | 6,5 |
| Вилояти Суғд | 385805 | 12222 | 21670 | 31606 | 61455 | 258852 | 5,8 |
| Вилояти Хатлон | 385579 | 6797 | 17646 | 24661 | 38321 | 298154 | 6,9 |
| ш. Душанбе | 145006 | 13554 | 15391 | 16010 | 24352 | 75699 | 4,9 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 249466 | 4934 | 9623 | 14489 | 25119 | 195301 | 6,9 |

**Барӯйхатгирии аҳолӣ** - манбаи ягона ва асосии маълумотҳо оид ба ҳайати миллии ҳамаи мамлакатҳо ба ҳисоб меравад – маълумотҳо оиди ҳайати миллӣ дар сатҳи минтақаҳо коркард шуда, тавсифи муфассали аҳолӣ, ҳолати демографӣ, иқтисодӣ, фарҳангии миллатҳо ва халқиятҳоро медиҳад. Танҳо тавассути гузаронидани барӯйхатгириҳои аҳолӣ оид ба сохтори миллии аҳолии мамлакат маълумот ба даст овардан мумкин аст.

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ва барӯйхатгириҳои гузашта, ҷавобҳо ба ин савол аз суханҳои пурсидашавандагон бо назардошти худмуайянкунии онҳо, инчунин забони модарӣ ва дигар забонҳо, ки пурсидашавандагон онро қайд намуданд, ба ҳисоб гирифта шудаанд. Миллат ва забони модарии кӯдакон аз тарафи волидайни онҳо муайян шудааст.

**Тағйироти шумораи аҳолии як қатор миллатҳо ва халқиятҳо дар байни солҳои 2000 ва 2010-ум дар ҷадвали зер оварда шудааст:**

| | Шумораи аҳолӣ, нафар | | Соли 2010 нисбат ба соли 2000-ум, фоиз | Бо ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| Ҳамаи аҳолӣ, нафар | 6127493 | 7564502 | 123,5 | 100 | 100 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Тоҷикон | 4898382 | 6373834 | 130,1 | 79,9 | 84,3 |
| Озариҳо | 798 | 371 | 46,5 | 0,0* | 0,0 |
| Арманҳо | 995 | 434 | 43,6 | 0,0 | 0,0 |
| Белорусҳо | 464 | 104 | 22,4 | 0,0 | 0,0 |
| Гурҷиҳо | 161 | 92 | 57,1 | 0,0 | 0,0 |
| Қазоқҳо | 936 | 595 | 63,6 | 0,0 | 0,0 |
| Қирғизҳо | 65515 | 60715 | 92,7 | 1,1 | 0,8 |
| Молдаванҳо | 341 | 157 | 46,0 | 0,0 | 0,0 |
| Русҳо | 68171 | 34838 | 51,1 | 1,1 | 0,5 |
| Туркманҳо | 20270 | 15171 | 74,8 | 0,3 | 0,2 |
| Ӯзбекҳо | 936703 | 926344 | 98,9 | 15,3 | 12,2 |
| Украинҳо | 3787 | 1090 | 28,8 | 0,1 | 0,0 |
| Тоторҳо | 18939 | 6495 | 34,3 | 0,3 | 0,1 |
| Лӯлиҳо | 4249 | 2334 | 54,9 | 0,1 | 0,0 |
| Англисҳо | 43 | 104 | 2,4 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Америкоиҳо | 24 | 62 | 2,6 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Арабҳо | 14450 | 4184 | 29,0 | 0,2 | 0,1 |
| Афғонҳо | 4702 | 3675 | 78,2 | 0,1 | 0,0 |
| Туркҳо | 672 | 1360 | 2,0 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Форсҳо (эрониҳо) | 306 | 473 | 154,6 | 0,0 | 0,0 |
| Хитоиҳо | 24 | 801 | 33,4 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Дигар миллатҳо | 87561 | 131269 | 149,9 | 1,5 | 1,8 |

Суръати муқоисавии афзоиши миллатҳо нишон медиҳад, ки **аз ҳама бештар шумораи тоҷикон зиёд шудааст**. Масалан, агар дар фосилаи байни солҳои 2000 ва 2010-ум **шумораи тоҷикон 1475,5 ҳазор нафар ё 30,1 фоиз** зиёд шуда бошад, пас шумораи **қирғизҳо, баръакс, 4,8 ҳазор нафар ё 7,3 фоиз, шумораи ӯзбекҳо 10,4 ҳазор нафар ё 1,1 фоиз, шумораи қазоқҳо 0,3 ҳазор нафар ё 36,4 фоиз ва туркманҳо 5,1 ҳазор нафар ё 25,2 фоиз кам шудааст.**

Зиёдшавии шумораи тоҷикон асосан ба афзоиши табиии аҳолӣ зич вобаста аст.

**Дар даҳсолаи охир баробари афзоиши табиии аҳолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ (кӯчида рафтани он) ба ҳайати миллии аҳолии ҷумҳурӣ низ таъсир расонид** ва дар сохтори этникии аҳолӣ баъзе тағйирот ба вуҷуд омад. Ба ҳамин сабаб, дар натиҷаи кӯчида рафтани аҳолии дигар миллатҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи русҳо - 48,9 фоиз, белорусҳо – 77,6 фоиз, украинҳо – 71,2 фоиз, молдаванҳо – 54,0 фоиз, тоторҳо – 65,7 фоиз, озариҳо – 53,5 фоиз, арманиҳо – 56,4 фоиз, гурҷиҳо – 42,9 фоиз ва дигар миллатҳо кам шудааст.

Дар давраи 20 соли охир мақом ва манзалати забони тоҷикӣ хеле боло рафт. Дар ҷумҳурӣ 7021,1 ҳазор нафар ё 92,8 фоизи аҳолӣ забони тоҷикиро озодона медонанд ва бо ин забон гуфтугӯ мекунанд (соли 2000-ум мувофиқан 5368,2 ҳазор нафар ё 87,6 фоизи аҳолӣ буд).

Забони русӣ дар ҷумҳурӣ пас аз забони тоҷикӣ яке аз забонҳои паҳншуда ба ҳисоб меравад. Забони русиро 40,6 ҳазор нафар аҳолӣ ҳамчун забони модарӣ нишон доданд (соли 2000-ум мувофиқан - 84,4 ҳазор нафар буд), ки аз он 32,7 ҳазор нафар русҳо ва 7,9 ҳазор нафар намояндагони дигар миллатҳо мебошанд. Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 – 2252,2 ҳазор нафар ва ё 29,8 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ забони русиро ба сифати забони дуввум ва сеюми муошират номбар карданд (соли 2000-ум 1232,4 ҳазор нафар буд).

Дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор оид ба ҷамъбаст ва нашри натиҷаҳои расмии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 идома дорад, ҷилдҳои 4-10-и нашри расмӣ бо мурури омода гаштан то охири соли равон ва нимаи аввали соли 2013 нашр гардида, ба истифодабарандагон пешниҳод мешавад.

**Замима**

**Шумораи аҳолии мавҷуд ва доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(ба ҳолати 21 сентябри соли 2010)

(ҳаз. нафар)

| | Аҳолии мавҷуд * | | | Аҳолии доимӣ * | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳар ду ҷинс | мардҳо | занҳо | ҳар ду ҷинс | мардҳо | занҳо |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **7099,3** | **3374,8** | **3724,5** | **7564,5** | **3817,0** | **3747,5** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| аҳолии шаҳрҳо | 1939,9 | 942,8 | 997,1 | 2006,6 | 1012,7 | 993,9 |
| аҳолии деҳот | 5159,4 | 2432,0 | 2727,4 | 5557,9 | 2804,3 | 2753,6 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | **186,2** | **91,0** | **95,2** | **206,0** | **105,2** | **100,8** |
| аҳолии шаҳрҳо | 27,4 | 13,6 | 13,8 | 28,1 | 14,1 | 14,0 |
| аҳолии деҳот | 158,8 | 77,4 | 81,4 | 177,9 | 91,1 | 86,8 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| ш. Хоруғ | 27,4 | 13,6 | 13,8 | 28,1 | 14,1 | 14,0 |
| ноҳияи Ванҷ | 29,3 | 14,6 | 14,7 | 30,8 | 15,9 | 14,9 |
| аҳолии деҳот | 29,3 | 14,6 | 14,7 | 30,8 | 15,9 | 14,9 |
| ноҳияи Дарвоз | 19,7 | 9,8 | 9,9 | 21,0 | 11,1 | 9,9 |
| аҳолии деҳот | 19,7 | 9,8 | 9,9 | 21,0 | 11,1 | 9,9 |
| ноҳияи Ишкошим | 26,7 | 13,0 | 13,7 | 29,7 | 15,3 | 14,4 |
| аҳолии деҳот | 26,7 | 13,0 | 13,7 | 29,7 | 15,3 | 14,4 |
| ноҳияи Мурғоб | 13,3 | 6,8 | 6,5 | 13,8 | 7,1 | 6,7 |
| аҳолии деҳот | 13,3 | 6,8 | 6,5 | 13,8 | 7,1 | 6,7 |
| ноҳияи Роштқалъа | 19,9 | 9,4 | 10,5 | 24,4 | 12,4 | 12,0 |
| аҳолии деҳот | 19,9 | 9,4 | 10,5 | 24,4 | 12,4 | 12,0 |
| ноҳияи Рӯшон | 20,6 | 9,9 | 10,7 | 23,8 | 12,1 | 11,7 |
| аҳолии деҳот | 20,6 | 9,9 | 10,7 | 23,8 | 12,1 | 11,7 |
| ноҳияи Шуғнон | 29,3 | 13,9 | 15,4 | 34,4 | 17,2 | 17,2 |
| аҳолии деҳот | 29,3 | 13,9 | 15,4 | 34,4 | 17,2 | 17,2 |
| **Вилояти Суғд** | **2058,5** | **959,8** | **1098,7** | **2233,5** | **1120,2** | **1113,3** |
| аҳолии шаҳрҳо | 524,0 | 248,1 | 275,9 | 557,3 | 278,5 | 278,8 |
| аҳолии деҳот | 1534,5 | 711,7 | 822,8 | 1676,2 | 841,7 | 834,5 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| ш. Хуҷанд | 160,9 | 79,7 | 81,2 | 162,8 | 82,3 | 80,5 |
| ш. Истаравшан | 54,6 | 26,4 | 28,2 | 54,7 | 27,3 | 27,4 |
| ш. Исфара | 39,9 | 18,4 | 21,5 | 42,9 | 21,4 | 21,5 |
| Қайроққум (Ҳукумат) | 35,6 | 16,0 | 19,6 | 40,4 | 20,0 | 20,4 |
| ш. Конибодом | 38,5 | 17,7 | 20,8 | 46,5 | 23,1 | 23,4 |
| ш. Панҷакент | 34,8 | 16,0 | 18,8 | 38,5 | 19,2 | 19,3 |
| ш. Табошар | 11,7 | 5,2 | 6,5 | 14,2 | 7,2 | 7,0 |
| Чкалов (Ҳукумат) | 27,9 | 13,9 | 14,0 | 28,2 | 14,5 | 13,7 |
| ноҳияи Айнӣ | 65,8 | 29,1 | 36,7 | 72,0 | 35,2 | 36,8 |
| аҳолии шаҳр | 1,9 | 0,9 | 1,0 | 2,1 | 1,1 | 1,0 |
| аҳолии деҳот | 63,9 | 28,2 | 35,7 | 69,9 | 34,1 | 35,8 |
| ноҳияи Ашт | 117,7 | 51,4 | 66,3 | 135,2 | 68,0 | 67,2 |
| аҳолии шаҳр | 12,0 | 5,3 | 6,7 | 13,2 | 6,6 | 6,6 |
| аҳолии деҳот | 105,7 | 46,1 | 59,6 | 122,0 | 61,4 | 60,6 |
| ноҳияи Б.Ғафуров | 297,2 | 142,4 | 154,8 | 315,9 | 158,1 | 157,8 |
| аҳолии шаҳр - | 15,7 | 7,0 | 8,7 | 16,9 | 8,1 | 8,8 |
| аҳолии деҳот | 281,5 | 135,4 | 146,1 | 299,0 | 150,0 | 149,0 |
| ноҳияи Ғончӣ | 129,3 | 59,1 | 70,2 | 138,6 | 69,8 | 68,8 |
| аҳолии шаҳр | 8,2 | 3,4 | 4,8 | 9,6 | 4,8 | 4,8 |
| ноҳияи Зафаробод | 58,5 | 28,1 | 30,4 | 60,2 | 29,9 | 30,3 |
| аҳолии шаҳр | 32,3 | 15,5 | 16,8 | 33,1 | 16,4 | 16,7 |
| аҳолии деҳот | 26,2 | 12,6 | 13,6 | 27,1 | 13,5 | 13,6 |
| шаҳри Истаравшан | 158,8 | 76,2 | 82,6 | 167,5 | 84,0 | 83,5 |
| аҳолии деҳот | 158,8 | 76,2 | 82,6 | 167,5 | 84,0 | 83,5 |
| ноҳияи Исфара | 168,8 | 76,8 | 92,0 | 187,9 | 94,5 | 93,4 |
| аҳолии шаҳр | 7,4 | 3,1 | 4,3 | 8,6 | 4,1 | 4,5 |
| аҳолии деҳот | 161,4 | 73,7 | 87,7 | 179,3 | 90,4 | 88,9 |
| ноҳияи Конибодом | 113,3 | 50,8 | 62,5 | 134,6 | 67,2 | 67,4 |
| аҳолии деҳот | 113,3 | 50,8 | 62,5 | 134,6 | 67,2 | 67,4 |
| ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | 20,7 | 10,1 | 10,6 | 21,1 | 10,5 | 10,6 |
| аҳолии деҳот | 20,7 | 10,1 | 10,6 | 21,1 | 10,5 | 10,6 |
| ноҳияи Мастчоҳ | 96,3 | 46,1 | 50,2 | 101,3 | 51,0 | 50,3 |
| аҳолии шаҳр | 16,1 | 7,6 | 8,5 | 17,1 | 8,5 | 8,6 |
| аҳолии деҳот | 80,2 | 38,5 | 41,7 | 84,2 | 42,5 | 41,7 |
| ноҳияи Панҷакент | 185,1 | 83,6 | 101,5 | 207,2 | 104,7 | 102,5 |
| аҳолии деҳот | 185,1 | 83,6 | 101,5 | 207,2 | 104,7 | 102,5 |
| ноҳияи Спитамен | 107,5 | 50,0 | 57,5 | 116,0 | 58,6 | 57,4 |
| аҳолии шаҳр | 13,8 | 6,3 | 7,5 | 15,1 | 7,5 | 7,6 |
| аҳолии деҳот | 93,7 | 43,7 | 50,0 | 100,9 | 51,1 | 49,8 |
| ноҳияи Ҷ.Расулов | 102,7 | 47,2 | 55,5 | 113,2 | 56,3 | 56,9 |
| аҳолии шаҳр | 12,5 | 5,6 | 6,9 | 13,3 | 6,4 | 6,9 |
| аҳолии деҳот | 90,2 | 41,6 | 48,6 | 99,9 | 49,9 | 50,0 |
| ноҳияи Шаҳристон | 32,9 | 15,6 | 17,3 | 34,6 | 17,4 | 17,2 |
| аҳолии деҳот | 32,9 | 15,6 | 17,3 | 34,6 | 17,4 | 17,2 |
| **Вилояти Хатлон** | **2511,7** | **1185,7** | **1326,0** | **2677,3** | **1344,9** | **1332,4** |
| аҳолии шаҳр | 443,7 | 210,4 | 233,3 | 464,0 | 230,2 | 233,8 |
| аҳолии деҳот | 2068,0 | 975,3 | 1092,7 | 2213,3 | 1114,7 | 1098,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| ш. Қӯрғонтеппа | 73,8 | 36,2 | 37,6 | 75,5 | 37,8 | 37,7 |
| ш. Кӯлоб | 93,5 | 45,1 | 48,4 | 95,0 | 46,7 | 48,3 |
| ш. Норак | 23,3 | 10,5 | 12,8 | 24,8 | 12,0 | 12,8 |
| ш. Сарбанд | 13,4 | 6,3 | 7,1 | 14,2 | 7,1 | 7,1 |
| ноҳияи А.Ҷомӣ | 121,3 | 54,4 | 66,9 | 135,5 | 68,3 | 67,2 |
| аҳолии шаҳр | 10,5 | 4,6 | 5,9 | 11,5 | 5,6 | 5,9 |
| аҳолии деҳот | 110,8 | 49,9 | 60,9 | 124,0 | 62,7 | 61,3 |
| ноҳияи Балҷувон | 23,9 | 11,6 | 12,3 | 24,4 | 12,1 | 12,3 |
| аҳолии деҳот | 23,9 | 11,6 | 12,3 | 24,4 | 12,1 | 12,3 |
| ноҳияи Бохтар | 204,5 | 97,7 | 106,8 | 217,7 | 110,2 | 107,5 |
| аҳолии шаҳр | 13,9 | 6,5 | 7,4 | 14,6 | 7,2 | 7,4 |
| аҳолии деҳот | 190,6 | 91,2 | 99,4 | 203,1 | 103,0 | 100,1 |
| ноҳияи Вахш | 148,6 | 70,0 | 78,6 | 159,5 | 80,3 | 79,2 |
| аҳолии шаҳр | 16,3 | 7,5 | 8,8 | 17,3 | 8,4 | 8,9 |
| аҳолии деҳот | 132,3 | 62,5 | 69,8 | 142,2 | 71,9 | 70,3 |
| ноҳияи Восеъ | 170,9 | 83,1 | 87,8 | 177,6 | 89,6 | 88,0 |
| аҳолии шаҳр | 20,0 | 9,8 | 10,2 | 20,6 | 10,4 | 10,2 |
| аҳолии деҳот | 150,9 | 73,3 | 77,6 | 157,0 | 79,2 | 77,8 |
| ноҳияи Данғара | 118,6 | 57,3 | 61,3 | 122,5 | 61,2 | 61,3 |
| аҳолии шаҳр | 22,4 | 11,0 | 11,4 | 22,7 | 11,3 | 11,4 |
| аҳолии деҳот | 96,2 | 46,3 | 49,9 | 99,8 | 49,9 | 49,9 |
| ноҳияи Ёвон | 163,6 | 75,4 | 88,2 | 178,8 | 90,4 | 88,4 |
| аҳолии шаҳр | 29,8 | 13,5 | 16,3 | 32,3 | 16,1 | 16,2 |
| аҳолии деҳот | 133,8 | 61,9 | 71,9 | 146,5 | 74,3 | 72,2 |
| ноҳияи Кӯлоб | 82,6 | 39,6 | 43,0 | 86,4 | 43,3 | 43,1 |
| аҳолии деҳот | 82,6 | 39,6 | 43,0 | 86,4 | 43,3 | 43,1 |
| ноҳияи Қубодиён | 140,7 | 67,4 | 73,3 | 148,3 | 74,6 | 73,7 |
| аҳолии деҳот | 140,7 | 67,4 | 73,3 | 148,3 | 74,6 | 73,7 |

(Идома дар саҳ. 6)

# Ҷамъбасти натиҷаҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010

(Идома аз саҳ. 5)

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ноҳияи Қумсангир | 101,0 | 46,9 | 54,1 | 110,4 | 55,9 | 54,5 |
| аҳолии шаҳр | 13,4 | 6,2 | 7,2 | 14,5 | 7,2 | 7,3 |
| аҳолии деҳот | 87,6 | 40,7 | 46,9 | 95,9 | 48,7 | 47,2 |
| ноҳияи М.С.А.Ҳамадонӣ | 115,2 | 53,5 | 61,7 | 123,9 | 62,0 | 61,9 |
| аҳолии шаҳр | 20,1 | 9,6 | 10,5 | 21,3 | 10,8 | 10,5 |
| аҳолии деҳот | 95,1 | 43,9 | 51,2 | 102,6 | 51,2 | 51,4 |
| ноҳияи Мӯъминобод | 75,2 | 37,0 | 38,2 | 77,7 | 39,3 | 38,4 |
| аҳолии шаҳр | 12,0 | 5,9 | 6,1 | 12,2 | 6,1 | 6,1 |
| аҳолии деҳот | 63,2 | 31,1 | 32,1 | 65,5 | 33,2 | 32,3 |
| ноҳияи Норак | 22,8 | 10,6 | 12,2 | 24,2 | 12,0 | 12,2 |
| аҳолии деҳот | 22,8 | 10,6 | 12,2 | 24,2 | 12,0 | 12,2 |
| ноҳияи Н. Хусрав | 28,2 | 13,2 | 15,0 | 30,3 | 15,2 | 15,1 |
| аҳолии деҳот | 28,2 | 13,2 | 15,0 | 30,3 | 15,2 | 15,1 |
| ноҳияи Панҷ | 85,7 | 39,8 | 45,9 | 93,7 | 47,4 | 46,3 |
| аҳолии шаҳр | 9,6 | 4,6 | 5,0 | 10,4 | 5,4 | 5,0 |
| аҳолии деҳот | 76,1 | 35,2 | 40,9 | 83,3 | 42,0 | 41,3 |
| ноҳияи Сарбанд | 23,2 | 10,8 | 12,4 | 24,7 | 12,2 | 12,5 |
| аҳолии деҳот | 23,2 | 10,8 | 12,4 | 24,7 | 12,2 | 12,5 |
| ноҳияи Темурмалик | 55,1 | 25,8 | 29,3 | 58,7 | 29,2 | 29,5 |
| аҳолии шаҳр | 8,7 | 4,1 | 4,6 | 9,0 | 4,4 | 4,6 |
| аҳолии деҳот | 46,4 | 21,7 | 24,7 | 49,7 | 24,8 | 24,9 |
| ноҳияи Фархор | 128,9 | 60,6 | 68,3 | 137,4 | 68,8 | 68,6 |
| аҳолии шаҳр | 19,9 | 9,0 | 10,9 | 21,5 | 10,6 | 10,9 |
| аҳолии деҳот | 109,0 | 51,6 | 57,4 | 115,9 | 58,2 | 57,7 |
| ноҳияи Ховалинг | 47,3 | 23,0 | 24,3 | 48,8 | 24,3 | 24,5 |
| аҳолии деҳот | 47,3 | 23,0 | 24,3 | 48,8 | 24,3 | 24,5 |
| ноҳияи Хуросон | 84,5 | 39,4 | 45,1 | 92,0 | 46,4 | 45,6 |
| аҳолии шаҳр | 5,9 | 2,7 | 3,2 | 6,6 | 3,3 | 3,3 |
| аҳолии деҳот | 78,6 | 36,7 | 41,9 | 85,4 | 43,1 | 42,3 |
| ноҳияи Ҷ. Румӣ | 145,6 | 67,5 | 78,1 | 157,7 | 79,1 | 78,6 |
| аҳолии шаҳр | 19,0 | 8,6 | 10,4 | 20,6 | 10,0 | 10,6 |
| аҳолии деҳот | 126,6 | 58,9 | 67,7 | 137,1 | 69,1 | 68,0 |
| ноҳияи Ҷиликӯл | 83,5 | 38,7 | 44,8 | 90,0 | 45,1 | 44,9 |
| аҳолии шаҳр | 4,4 | 2,0 | 2,4 | 4,7 | 2,3 | 2,4 |
| аҳолии деҳот | 79,1 | 36,7 | 42,4 | 85,3 | 42,8 | 42,5 |
| ноҳияи Шаҳритус | 93,5 | 43,1 | 50,4 | 101,9 | 51,0 | 50,9 |
| аҳолии шаҳр | 13,6 | 6,6 | 7,0 | 14,7 | 7,5 | 7,2 |
| аҳолии деҳот | 79,9 | 36,5 | 43,4 | 87,2 | 43,5 | 43,7 |
| ноҳияи Шӯрообод | 43,3 | 21,2 | 22,1 | 45,7 | 23,4 | 22,3 |
| аҳолии деҳот | 43,3 | 21,2 | 22,1 | 45,7 | 23,4 | 22,3 |
| **ш. Душанбе** | **722,7** | **364,8** | **357,9** | **724,8** | **374,0** | **350,8** |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| ноҳияи И.Сомонӣ | 128,5 | 66,0 | 62,5 | 128,3 | 66,7 | 61,6 |
| ноҳияи Сино | 275,0 | 138,3 | 136,7 | 279,2 | 143,7 | 135,5 |
| ноҳияи Фирдавсӣ | 178,3 | 89,6 | 88,7 | 173,8 | 89,2 | 84,6 |
| ноҳияи Шоҳмансур | 140,9 | 70,9 | 70,0 | 143,5 | 74,4 | 69,1 |
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **1620,2** | **773,5** | **846,7** | **1722,9** | **872,7** | **850,2** |
| аҳолии шаҳр | 222,1 | 105,9 | 116,2 | 232,4 | 115,9 | 116,5 |
| аҳолии деҳот | 1398,1 | 667,6 | 730,5 | 1490,5 | 756,8 | 733,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| ш. Ваҳдат | 38,0 | 17,6 | 20,4 | 40,6 | 20,2 | 20,4 |
| ш. Роғун | 14,8 | 8,0 | 6,8 | 13,8 | 7,0 | 6,8 |
| ш. Турсунзода | 45,5 | 21,4 | 24,1 | 46,7 | 22,7 | 24,0 |
| ноҳияи Варзоб | 63,3 | 31,0 | 32,3 | 65,3 | 33,0 | 32,3 |
| аҳолии шаҳр | 2,1 | 1,0 | 1,1 | 2,2 | 1,1 | 1,1 |
| аҳолии деҳот | 61,2 | 30,0 | 31,2 | 63,1 | 31,9 | 31,2 |
| Ваҳдат | 221,0 | 104,0 | 117,0 | 240,5 | 122,9 | 117,6 |
| аҳолии шаҳр | 9,5 | 4,3 | 5,2 | 10,7 | 5,4 | 5,3 |
| аҳолии деҳот | 211,5 | 99,7 | 111,8 | 229,8 | 117,5 | 112,3 |
| ноҳияи Нуробод | 59,9 | 27,5 | 32,4 | 66,0 | 33,5 | 32,5 |
| аҳолии шаҳр | 1,1 | 0,5 | 0,6 | 1,2 | 0,6 | 0,6 |
| аҳолии деҳот | 58,8 | 27,0 | 31,8 | 64,8 | 32,9 | 31,9 |
| ноҳияи Рашт | 98,2 | 47,9 | 50,3 | 102,8 | 52,4 | 50,4 |
| аҳолии шаҳр | 11,8 | 6,1 | 5,7 | 11,8 | 6,2 | 5,6 |
| аҳолии деҳот | 86,4 | 41,8 | 44,6 | 91,0 | 46,2 | 44,8 |
| ноҳияи Роғун | 22,1 | 11,0 | 11,1 | 22,6 | 11,6 | 11,0 |
| аҳолии шаҳр | 5,1 | 2,5 | 2,6 | 5,4 | 2,8 | 2,6 |
| аҳолии деҳот | 17,0 | 8,5 | 8,5 | 17,2 | 8,8 | 8,4 |
| ноҳияи Рӯдакӣ | 369,3 | 177,6 | 191,7 | 394,2 | 201,2 | 193,0 |
| аҳолии шаҳр | 40,9 | 19,2 | 21,7 | 44,0 | 22,0 | 22,0 |
| аҳолии деҳот | 328,4 | 158,4 | 170,0 | 350,2 | 179,2 | 171,0 |
| ноҳияи Тавилдара | 18,6 | 9,1 | 9,5 | 19,4 | 9,9 | 9,5 |
| аҳолии деҳот | 18,6 | 9,1 | 9,5 | 19,4 | 9,9 | 9,5 |
| ноҳияи Тоҷикобод | 34,2 | 15,8 | 18,4 | 37,4 | 19,0 | 18,4 |
| аҳолии деҳот | 34,2 | 15,8 | 18,4 | 37,4 | 19,0 | 18,4 |
| ноҳияи Турсунзода | 183,5 | 87,7 | 95,8 | 195,0 | 98,5 | 96,5 |
| аҳолии деҳот | 183,5 | 87,7 | 95,8 | 195,0 | 98,5 | 96,5 |
| ноҳияи Файзобод | 76,2 | 35,2 | 41,0 | 82,3 | 41,3 | 41,0 |
| аҳолии шаҳр | 7,9 | 3,5 | 4,4 | 8,7 | 4,4 | 4,3 |
| аҳолии деҳот | 68,3 | 31,7 | 36,6 | 73,6 | 36,9 | 36,7 |
| ноҳияи Ҳисор | 233,0 | 111,8 | 121,2 | 244,0 | 122,6 | 121,4 |
| аҳолии шаҳр | 34,8 | 16,6 | 18,2 | 35,8 | 17,7 | 18,1 |
| аҳолии деҳот | 198,2 | 95,2 | 103,0 | 208,2 | 104,9 | 103,3 |
| ноҳияи Ҷиргатол | 52,9 | 25,9 | 27,0 | 55,7 | 28,5 | 27,2 |
| аҳолии шаҳр | 5,3 | 2,8 | 2,5 | 5,6 | 3,0 | 2,6 |
| аҳолии деҳот | 47,6 | 23,1 | 24,5 | 50,1 | 25,5 | 24,6 |
| ноҳияи Шаҳринав | 89,7 | 42,0 | 47,7 | 96,6 | 48,4 | 48,2 |
| аҳолии шаҳр | 5,2 | 2,3 | 2,9 | 5,9 | 2,9 | 3,0 |
| аҳолии деҳот | 84,5 | 39,7 | 44,8 | 90,7 | 45,5 | 45,2 |

Мувофиқи методологияи ягонаи байналмилалӣ:

*) **Ба аҳолии мавҷуд** шахсоне, ки доимо (зиёда аз 1 сол) дар маҳалли мазкур истиқомат мекунанд, бо назардошти шахсоне, ки муваққатан (ба муҳлати то 1 сол дар маҳалли мазкур) истиқомат мекунанд, дохил мешаванд.

*) **Ба аҳолии доимӣ** шахсоне, ки доимо (зиёда аз 1 сол) дар маҳалли мазкур истиқомат мекунанд, бо назардошти шахсоне, ки муваққатан (ба муҳлати то 1 сол дар маҳалли мазкур) ғоиб мебошанд, дохил мешаванд.

***1. Мутобиқи стандартҳои қабулшудаи барӯйхатгирии аҳолӣ барои ҳамаи мамлакатҳо синну соли 15-сола ва калонсолтар***

**** бузургии на чандон калон бо рақамҳои «0,0» ифода карда мешаванд.***

## ● Аз фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Меҳнаткашони ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ бо мақсади иҷрои супориш ва дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи амалии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия диловарона меҳнат намуда, нақшаҳои нуҳ моҳи соли 2012-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст карданд.

# МЕҲНАТИ ДИЛОВАРОНА САМАР ОВАРД

Ҳамчуноне аз суҳбат бо раиси ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ Амрулло Холов маълум гардид, дар ноҳия оид ба оқилона ва самаранок истифода бурдани ҳар ваҷаб замин, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он, тараққӣ додани картошкапарварӣ, рушди боғу токпарварӣ, кишти сабзавоти барвақтии зери плёнка ва ташкили гармхонаҳо, кишти шолӣ, васеъ ба роҳ мондани киштгардон, гузаронидани кишти такрорӣ, барқарор намудан ва рушди тухмипарварӣ, зотпарварӣ, паррандапарварӣ ва парвариши занбӯри асал, чорводорӣ, паррандаи хушзот ва сермаҳсул кори зиёди самаранок ба сомон расидааст.

Деҳқонони ноҳия имсол дар майдони 9530 гектар чигит кишт намуданд ва ҳоло ҷамъоварии пахта бомуваффақият идома дорад.

Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ бошад, дар ҳама категорияҳои хоҷагидорӣ дар ин давра ба 341507, 4 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108,2 фоизро ташкил менамояд. Давоми ин давра кишти ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо 6482 гектар, картошка 600 гектар, сабзавот 1586 гектар, полезиҳо 1153 гектарро фаро гирифта, истеҳсоли ғалла (якҷоя бо ҷуворимакка) 24177 тонна, картошка 12614 тонна, сабзавот 33405 тонна, полезиҳо 26234 тонна ва меваҷот 5084 тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта хеле зиёд буда, иҷрои нақша барзиёд таъмин шудааст.

Дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявии «Асали Хатлон- 2012» ва «Сайри харбуза-2012» занбӯриасалпарварон ва полезкорони ноҳия фаъолона ширкат варзида, полезкорон ҳам дар озмуни вилоятӣ ва ҳам ҷумҳуриявии «Сайри харбуза-2012» сазовори ҷойи аввал шуданд.

Дар ин давра содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷ аз кишвар афзуда, 2647 тонна маҳсулот, аз ҷумла 116 тонна мева, 2210 тонна сабзавот, минҷумла 1810 тонна пиёз фиристода шудааст.

Деҳқонон давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ 1690 тонна гӯшт, 15589 тонна шир, 3085,1 ҳазор дона тухм, 159,9 тонна пашм, 41 тонна пилла, 27,4 тонна асал истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз 102,2 то 125 фоиз зиёд мебошад.

Ҳолати мелиоративии заминҳо беҳтар мешавад. Давоми нуҳ моҳ дар ҳаҷми 176,8 метри мукааб заҳбуру заҳкашҳо тоза шуда, 32 иншооти гидротехникӣ, 32 иншооти обченкунӣ ва 36 агрегати оббарорӣ хушсифат таъмир гардид. Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бо харҷи 321 ҳазор сомонӣ ҳолати мелиоративии 252 гектар замин беҳтар карда шуд.

-Мо тақсимоти қитъаҳои замини наздиҳавлигиро барои ниёзмандон идома медиҳем,- мегӯяд раиси ноҳия ва илова мекунад:- Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ 244,83 гектар замин барои 1775 оилаи эҳтиёҷманд ҷудо шудааст.



Корхонаҳои саноатии ноҳия низ давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ фаъолияти хуб доштанд. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 64180,1 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 122 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла тайи ин муддат 177 тонна равғани растанӣ, 2136 тонна нахи пахта, 1410 тонна нон ва маҳсулоти нонӣ, 10838 тонна орд ва 3,7 миллион метри мукааб газ истеҳсол шуд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нокифоя буда, моро қаноатманд намесозад, таъкидан ишора мекунад раис. Баъзеи онҳо ҳанӯз бо иқтидори пурра фаъолият надоранд. Аз ин рӯ, масъалаи беҳтар намудани вазъи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои мавҷуда, таъмини онҳо бо ашёи хом, муҳайё намудани ҷойҳои нави кор дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия қарор дорад.

Дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ вусъат додани сохтмон ва беҳтар намудани ободонӣ яке аз самтҳои муҳим маҳсуб меёбад. Тӯли нуҳ моҳ сохтмончиён ба маблағи 20430,9 ҳазор сомонӣ кори сохтмону васлгариро иҷро карданд. Ба маблағи 22475,4 ҳазор сомонӣ фондҳои асосӣ, ба андозаи 16112 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ мавриди истифода шуд. Дар ин давра даҳ иншооти нави таъиноти иқтисодию иҷтимоӣ ба фаъолият оғоз намуда, айни замон сохтмон ва азнавсозии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 55, 56, 64 дар Ҷамоати шаҳраки Гулистон, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар мактабҳои ноҳия, ҷамъ 130 синфхонаи иловагӣ, сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ ва ғайра аз ҳисоби маблағгузориҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон, саҳми аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони саховатпеша идома дорад.

-Масъалаи рушд ва ривоҷи соҳаҳои маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад,- мегӯяд раис. - Самараи тадбирҳои муассир дар соҳаҳои зикршуда дигаргуниҳои ҷиддии дар ноҳия баамаломада мебошад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ва ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад. Дар ноҳия баҳри амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон чорабиниҳои зиёди ташкилӣ, тарбиявию фарҳангӣ ва варзишӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ баҳри дастгирии иҷтимоию иқтисодии ҷавонон ва тарғиби тарзи ҳаёти солим андешида мешавад.

Дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ 70 мактаби таҳсилоти умумӣ мавҷуд буда, онҳо ба гузаронидани тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 ҳаматарафа омодагӣ дидаанд. Ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ 687 тонна ангишт ва 1455 метри мукааб ҳезум захира шудааст.

Кормандони соҳаи тандурустии ноҳия бо такя ба Консепсияи ислоҳоти ҳифзи сиҳатии омма кӯмаки тиббию санитариро аз самтҳои асосии фаъолият қарор дода, сатҳи хизматрасониро баланд мебардоранд.

Иҷрои Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар маркази диққати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия қарор дорад. Айни ҳол дар рӯйхати захиравии кадрҳои роҳбарикунандаи ноҳия 14 нафар занону духтарони болаёқат дохил шудаанд, ки 34 фоизи захираи кадрҳои роҳбарикунандаро дар бар мегирад.

-Мо баҳри пуррагардонии буҷети маҳаллӣ тамоми тадбирҳоро роҳандозӣ мекунем, аз манбаъҳои иловагии ҷамъоварии андозҳо самаранок истифода мебарем,- изҳор дошт раиси ноҳия Амрулло Холов ва илова мекунад:- Дар натиҷа, давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ 105 фоиз иҷро шуд. Бо мақсади барҳам додани бақияпулиҳои андоз, андози иҷтимоӣ ва қарзи музди меҳнат чораҷӯйӣ мекунем. Барои кам кардани бақияпулиҳои андоз ва андози иҷтимоӣ Нозироти андози ноҳия ба 252 нафар андозсупорандагон огоҳинома дод. Дар натиҷа, ба буҷети маҳаллии ноҳия тӯли ин давра иловатан 1983,7 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шуд.

Бонкҳои ноҳия фаъолияти хуб доранд. Дар ин давра онҳо ба маблағи 5360,9 ҳазор сомонӣ қарз доданд, ки қисмати бештараш ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд.

Зимни суҳбат мо ба фаъолияти Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ низ мароқ зоҳир кардем. Раиси ноҳия, ки ҳамзамон Раиси Маҷлиси вакилони халқи ноҳия мебошад, аз ин хусус чунин гуфт:

-Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ соли ҷорӣ се иҷлосия баргузор намуда, масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи вобаста ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодиро баррасӣ ва муҳокима кард. Аз ҷумла бинобар ошкор шудани қонуншикании зиёд дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дар қаламрави ноҳия фаъолиятдошта ва дар асоси маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи ваколатҳои муқарраркардаи қонун вазъи риояву иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ»-ро мавриди санҷиш қарор дод, инчунин илова бар ин ҳолати зиёди аз ҷониби ҳизбҳо риоя накардани қонунгузории андозро ба ҳисоб гирифта, Маҷлиси вакилони халқи ноҳия бо қарори худ Комиссияи муваққатии назди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҷалолиддини Румиро оид ба санҷиши фаъолияти ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар ноҳия фаъолиятдошта таъсис намуд.

Ҳамчунин бо Қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия Комиссияи муваққатии ҷамъиятии назди Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба кӯмаку хайрияҳо таъсис ёфт, ки айни замон ба суратҳисоби он беш аз 110 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Аз мулоқот бо раиси ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ Амрулло Холов ва мушоҳидаю суҳбатҳо бо сокинони ноҳия маълум гардид, ки ҷиҳати татбиқи сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия бобати ғанигардонии буҷет, афзун намудани самараи истеҳсолот, бо иқтидори мавҷуда кор кардани корхонаҳо, истеҳсоли маҳсулоти талаби рӯз кори зиёд анҷом ёфта, баҳри рушди маориф, тандурустӣ ва фарҳанг, тарбияи ахлоқиву маънавии мардум тадбирҳои муассиру таъсирбахш андешида мешавад.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Абдулмаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»***

## МАСОИЛИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БАРРАСӢ ШУД

Чанде пеш дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ мулоқот бо кормандони Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид. Дар вохӯрӣ раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра иштирок доштанд.

Дар мулоқот масъалаҳои шиносоӣ бо вазъи муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ, баҳисобгирии муҳоҷирон-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва саҳми онҳо дар рушди ноҳия, иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, бақайдгирӣ ва назорати фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, дараҷаи забондонӣ, касбомӯзӣ, шиносоӣ бо таърих, расму ойин ва фарҳанги кишварҳои қабулкунанда мавриди муҳокима қарор гирифт.

Сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафиало Девонаев ва кормандони масъули хадамот оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, мушкилоти дар ин соҳа ҷойдошта муфассал маълумот доданд.

Ҳамзамон иштирокчиёни ин мулоқот доир ба ташкили марказҳои касбомӯзӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, такмили фаъолияти Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу дархост пешниҳод намуданд.

***А. МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Муъминобод диёри зебост

Журналистони Швейтсария Катя Ремоне ва Пиа Занеттӣ қариб даҳ рӯз дар ноҳияи Муъминобод меҳмон буданд. Онҳо, аз ҷумла дар деҳаи Ҷавзодара бо урфу одат, тарзи зиндагӣ, рафтору гуфтори аҳли деҳа шинос шуданд. Ба онҳо муомилаи неку ҳалимонаи аҳолӣ писанд омад. Катя ва Пиа яке хабарнигор, дуюмӣ суратгири нашрияҳои Ташкилоти байналмилалии «Каритас» - маҷаллаҳои «Мардум» ва «Кӯдакон» (бо забонҳои франсузӣ ва олмонӣ нашр мешаванд) мебошанд. Ин маҷаллаҳо дар он кишварҳое паҳн мешаванд, ки «Каритас» дар онҳо филиалҳои худро дорад. Катя бори аввал ва Пиа бори чорум ба Тоҷикистон омадаанд. Ба онҳо ҳафтшуморагӣ аз рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» бо шарҳи муфассали мавзуъҳо бо забони англисӣ тақдим карда шуд.

Журналистони швейтсариягӣ мақсад доранд, ки дар бораи фаъолияти Ташкилоти байналмилалии «Каритас»- и Муъминобод, ТҶЗ «Зам-зам» мақолаҳо навишта, дар маҷаллаҳо ва веб-сайташон дар Интернет интишор намоянд.

***Н. ҲАСАНОВ***




## Ба зимистон омодаанд

**СУҒД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 таҳти рақами 180 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013» дар вилояти Суғд чораҳои судманд андешида шудаанд.

Барои таъмини талаботи аҳолӣ бо ангишт, гази моеъ ва дигар намуди маводи сӯхт корхонаҳои соҳаи Иттифоқи «Тоҷикматлубот», сохторҳои тиҷоратии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва соҳибкорони алоҳида бо ширкатҳои дохилӣ ва давлатҳои дуру наздик шартномаҳо баста, воридоти сӯзишвориро таъмин менамоянд. Ҳоло дар вилоят 722 нуқтаи фурӯши ангиштсанг ва 295 нуқтаи фурӯши гази моеъ ташкил шудааст, ки нисбат ба мавсими соли гузашта хеле зиёд мебошад.

## Ангишт ва ҳезум захира шуд

**НУРОБОД. (М. РИЗВОНОВ)** Дар ноҳияи Нуробод ба фасли зимистон хуб омода шудаанд. Дар раванди омодагӣ ба зимистон ба захираи маводи сӯзишворӣ, аз қабили ангишт ва ҳезум, таъмиру сохтмони иншоот, ташкили нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, захираи маводи ғизоӣ, таъмиру омодасозии иншооти интиқоли барқ ва роҳҳои автомобилгард, захираи хӯроки чорво ва ғайра диққати ҷиддӣ равона гардид.

Бино ба гуфти роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Нуробод Зафар Ҳисориев, дар муассисаҳои маориф ва тандурустӣ 1230 тонна ангишт ва ба миқдори зарурӣ ҳезум захира шудааст. Дар рафти омодагӣ ба зимистон 70 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ аз таъмири ҷорӣ баровард, бо асбобҳои гармидиҳанда ва шишаҳои тиреза таъмин шуд.

## Мактаби нав дар Осиёбдара

**РАШТ. (М. РИЗВОНОВ)** Дар деҳаи Осиёбдараи Ҷамоати деҳоти «Ясман»-и ноҳияи Рашт, ки як мактаби ибтидоӣ фаъолият дошт, баъди хатми синфи чорум хонандагон барои идомаи таҳсил мушкили зиёд мекашиданд.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2012-2016, аз ҳисоби маблағҳои Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин деҳаи дурдаст мактаби наву замонавии дорои ҳашт синфхона ба маблағи 683,4 ҳазор сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Акнун хонандагони деҳа имкон пайдо намуданд, ки роҳи даҳкилометраро то деҳаҳои поён тай накарда, таҳсили худро дар ин мактаб идома диҳанд.

## Соҳибкор об овард ва роҳ сохт

**ФАЙЗОБОД. (Ҳ. САФАР)** Сокинони баъзе маҳаллаҳои маркази ноҳияи Файзобод солҳои тӯлонӣ аз оби ошомиданӣ танқисӣ мекашиданд. Соҳибкори хайрхоҳ Мулоқуввват Раҳимов мушкилоти онҳоро осон кард. Бо дастгирӣ ва роҳбарии ӯ аз мавзеи хушобу ҳавои Чува, ки масофаи 15 километрро дар бар мегирад, ба маркази ноҳия хати оби ошомиданӣ кашида шуд.

Барои анҷоми ин кори хайру савоб 800 ҳазор сомонӣ сарф шудааст. Соҳибкор М. Раҳимов ҳамчунин дар таҷдиди роҳи нақлиётгарди секилометраи деҳаи «Ҷавонӣ» саҳмгузор аст.

## Корхонаи сементбарорӣ ба фаъолият оғоз намуд

**МАСТЧОҲ. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Мастчоҳ як корхонаи сементбарорӣ ба истифода дода шуд, ки он аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Нуъмонҷон Неъматов бунёд гардидааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 100 ҳазор тонна семент мебошад. Айни замон 200 нафар мутахассисони маҳаллӣ дар ин корхона соҳиби ҷойи кор гардиданд.

Роҳбарияти корхона нақша дорад, ки оянда иқтидори истеҳсолии корхонаро то ба як миллион тонна расонад.

## Омӯзиши кормандони соҳаи иҷтимоӣ

**ХОРУҒ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Дар толори хониши китобхонаи вилоятии ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Хоруғ семинари кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ баргузор гардид.

